ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 5 (238) 1 майи соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013

www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ДДМИТ МИЗБОНИ НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «ТАҲСИЛОТ ВА РУШДИ КАСБИЯТ»



Санаи 8-уми апрели соли 2026 Сатторзода Бобоҷон - ректори ДДМИТ бо Патрушев Андрей Валеревич - роҳбари намояндагии Россотрудничество дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи ҳамоиши Институти байналмилалии шабакавӣ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, таҳти унвони «Таҳсилот ва рушди касбият дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм» ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф овард, вохӯрӣ намуд.

Ҳамчунин, ҳамон рӯз ректори ДДМИТ Светлана Сергеевна - ректори Академияи корпоративии саноат ва алоқаи Федератсияи Россияро, ки ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф оварда буд, ба ҳузур пазируфт.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкории таълимӣ, илмию тадқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҷонибҳо ба рушду тавсеаи ҳамкориҳо таъкид дошта, ҳавасмандии худро ҷиҳати бастани шарномаҳои ҳамкорӣ баён намуданд.

Инчунин, рӯзи 9-уми апрели соли ҷорӣ дар доираи намоишгоҳ гӯшаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии пешсафи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида, дар онҳо барномаҳои таълимии муштарак, имкониятҳои таҳсил, лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаомӯзӣ муаррифӣ шуданд.

Ҳамчунин, дастовардҳо ва имкониятҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар як гӯшаи алоҳида пешниҳоди иштирокчиён гардиданд.

Таъкид гардид, ки намоишгоҳи «Таҳсилот ва рушди касбият» ҳамчун як платформаи муҳими байналмилалӣ барои муаррифии имкониятҳои таълимӣ, таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи молия нақши муассир хоҳад гузошт.

Зимнан, дар доираи ҳамоиши Институти байналмилалии шабакавӣ дар соҳаи мубориза бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, таҳти унвони «Таҳсилот ва рушди касбият дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм» бо намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия мулоқот доир шуд.

Зимни баргузории ин мулоқот намояндагони 17 муассисаи таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия ширкат варзиданд.

Сатторзода Бобоҷон вобаста ба баргузории ҳамоиши мазкур ибрози андеша намуда, таъкид доштанд, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз баргузории ин ҳамоиш бисёр хушбин ҳаст. Иброз гардид, ки мо барои як чорабинии муҳими байналмилалӣ - намоишгоҳи Институти байналмилалии шабакавӣ оид ба мубориза бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ҷамъ омадем.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз роҳбарияти Маркази байналмилалии таълимӣ ва методологии мониторинги молиявӣ барои ҳамкории деринаи онҳо дар беҳтар кардани саводнокии молиявӣ ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи амнияти молиявӣ изҳори сипоси амиқ мекунад.

Ин чорабинӣ намояндагони кишварҳои гуногун, фарҳангҳо ва мактабҳои илмиро дар атрофи як ҳадафи умумии стратегӣ - тарбияи насли нави мутахассисоне, ки қодиранд амнияти молиявиро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ самаранок таъмин кунанд, муттаҳид мекунад. Донишгоҳи мо иҷрои ин рисолати олиро ҳадафи асосии худ медонад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муассисаи пешрафтаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои молия, иқтисод ва бонкдорӣ мебошад. Се даҳсола аст, ки мо мутахассисони баландихтисосро омода мекунем, ки онҳо дар муассисаву ташкилотҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ, махсусан ниҳодҳои молиявию иқтисодӣ фаъолият намуда, то вазифаҳои роҳбарӣ расидаанд.

Иштироки донишҷӯёни мо дар Олимпиадаи байналмилалии амнияти молиявӣ, ки ҳар сол аз ҷониби Институти байналмилалии шабакавӣ ташкил карда мешавад, на танҳо як чорабинии илмӣ барои донишгоҳ, балки як платформаи муҳими байналмилалӣ мебошад. Он ба мутахассисони ҷавон имкон медиҳад, ки дониши худро дар муқобили мушкилоти воқеии низоми муосири молиявӣ санҷанд, тафаккури стратегиро инкишоф диҳанд ва дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гарданд.



Бояд қайд кард, ки Олимпиадаи байналмилалӣ оид ба амнияти молиявӣ аз соли 2021 инҷониб ҳар сол баргузор мешавад. Ин лоиҳа бомуваффақият мушкилоти пешбурди амнияти молиявӣ ва ташаккули навъи нави тафаккури стратегиро дар байни ҷавонон ҳал намуда, аз амнияти молиявии шахс то амнияти молиявии давлат ва ҷомеаи ҷаҳониро фарогир мебошад.

Сатторзода Бобоҷон таъкид дошт, ки ин ҳамоиш уфуқҳои навро барои муколамаи созанда байни муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ мекушояд ва заминаи мустаҳкамеро барои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ фароҳам меорад.

Дар идомаи мулоқот намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия ҳар яке аз номи муассисаи худ ҷиҳати истиқболи самимӣ ба роҳбарияти ДДМИТ изҳори минатдорӣ намуда, ҳавасмандии худро вобаста ба густариши ҳамкориҳо иброз намуданд.

Сипас, тайи ду рӯз дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон намоишгоҳи Институти байналмилалии шабакавӣ дар соҳаи мубориза бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, таҳти унвони «Таҳсилот ва рушди касбият дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм» миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия доир гашт.

Ҳадафи асосии он муаррифии имкониятҳои таҳсил ва касбомӯзӣ барои ҷавонон, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва ҷалби довталабон ба муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олӣ арзёбӣ гардид.

Ректори ДДМИТ Бобоҷон Сатторзода ба намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия барои иштирок ва саҳмгузорӣ дар баргузории чорабинӣ изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки баргузории ин намоишгоҳ намояндагони донишгоҳҳои пешсаф, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои давлатиро муттаҳид менамояд. Ин нишонаи равшани таваҷҷуҳи баланд ба масъалаҳои омодасозии мутахассисон дар соҳаи амнияти молиявӣ буда, аҳамияти густариши ҳамкориҳои дуҷонибаро боз ҳам тақвият медиҳад.

Дар маҷмуъ, баргузории чунин чорабиниҳои сатҳи баланд ба рушди устувори низоми маориф, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир заминаи мусоид фароҳам меорад.

Инчунин, дар доираи барномаи фарҳангӣ-маърифатии намоишгоҳ меҳмонон бо раҳнамоии мизбонон аз ёдгориҳои Қалъаи Ҳисор ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон дидан намуданд.

Пас аз дидору мулоқот ректори ДДМИТ Бобоҷон Сатторзода тухфаҳои хотиравии донишгоҳро ба намояндагони шарикони калидӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия тақдим намуд.

Иштирокчиёни ҳамоиш аз маросими истиқбол, мулоқот ва тақдими тухфаҳои зебои миллии тоҷикона изҳори қаноатмандӣ намуданд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассис:**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
*Ректор*

Мирсаидов Саидакмал Аброрович
*Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим*

Муқимов Қутбиддин Мирзоҷонович
*Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия*

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
*Муовини ректор оид ба тарбия*

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
*Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ*

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
*Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ*

**САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:**
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

**САРМУҲАРРИР:**
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

**МУҲАРРИР - СУРАТГИР:**
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/РЗ-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

# БОЗ ЯК ТАШАББУС

# «БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КОДЕКСИ ГУМРУК» ДАР ДДМИТ




Рӯзи 24 апрели соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси гумрук», ки бо ташаббуси муштараки донишгоҳ ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, оғоз ёфт.

Дар маросими ифтитоҳи озмун намояндагони мақомоти гумрук, аз ҷумла Мерафзун Мерафзунзода - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Хадамоти гумрук, Эраҷ Ҷӯрабекзода - сардори Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумрук, Ҷовидон Шарифзода - сардори Раёсати ташкили назорати гумрукӣ, инчунин, Рауф Ҳайдарзода - намояндаи Вазорати молия, устодон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок намуданд.

Озмуни мазкур ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии донишгоҳ, инчунин, дар доираи татбиқи сиёсати давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва касбии ҷавонон роҳандозӣ гардидааст.

Дар оғози чорабинӣ меҳмонон бо шароити таълимӣ, озмоишгоҳҳо ва имкониятҳои муосири донишгоҳ шинос гардида, ба сатҳи омодагӣ ва инфрасохтори муассиса баҳои баланд доданд.

Қисмати расмӣ бо суханронии ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор оғоз ёфт. Номбурда иброз дошт, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ масъалаи омода намудани мутахассисони дорои малакаву маҳорати баланди касбӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Дар ин асос, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди неруи зеҳнӣ дар кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамчун муассисаи олии таълимӣ баҳри амалӣ намудани мақсаду мароми Ҳукумати мамлакат дар самти омода намудани мутахассисони соҳаҳои молиявию иқтисодӣ як қатор иқдомҳоро рӯи даст гирифтааст, ки баргузории озмуну олимпиадаҳои “Беҳтарин донандаи Кодекси гумрук”, “Беҳтарин донандаи Кодекси андоз”, “Маърифат ва амнияти молиявӣ”, “Беҳтарин барномасоз” аз қабили ин ташаббусҳо мебошанд.

Соли сеюм аст, ки Озмуни ҷумҳуриявии “Беҳтарин донандаи Кодекси гумрук” дар донишгоҳи мо доир гардида, дар он беҳтарин донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ширкат варзида, донишу маҳорати касбии худро сайқал медиҳанд.

Хурсандиовар аст, ки соли ҷорӣ ҷиҳати иштирок дар озмуни мазкур 52 нафар донишҷӯ аз 14 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок намуда, муассисаҳои худро намояндагию муаррифӣ менамоянд.

- Мо ба донишу маҳорат, ҷаҳонбинию малака, далерию тавоноии ҳар яки Шумо боварии комил дорем. Табиист, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳазорон нафар аз рӯи тахассуси фаъолияти гумрукӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аммо аз миёни ҳамаи онҳо маҳз шумо 52 нафар ҳастед, ки роҳбарияти муассисаҳо ба шумо боварӣ намуда, ҷиҳати иштирок дар ин озмун сафарбар намудаанд, - афзуд ректор ва илова намуд, ки ин озмун як марҳалаи муҳим барои ташаккул ва рушди касбияти мутахассисони арзандаи соҳаи гумрук мебошад. Ҳар як иштирокчии он имкон пайдо мекунад, ки на танҳо дониши назариявии худро дар бораи Кодекси гумрук нишон диҳад, балки барои омодагӣ ба фаъолияти касбӣ қадамҳои устувор гузорад.

Ба таъкиди Бобоҷон Сатторзода, ҳадафи озмун на танҳо санҷидани дониш, балки фароҳам овардани заминаи мусоид барои фаҳмидани Кодекси гумрук ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти гумрук аст, ки имкон медиҳанд донишҷӯён худро барои мувофиқ шудан бо талаботи бозори меҳнат омода созанд. Бешубҳа, ин дастовард барои ҳар як донишҷӯ имкон медиҳад, ки таҷриба ва малакаҳои худро ҳамчун мутахассис дар оянда нишон диҳад. Ин озмун як фурсат хоҳад буд, ки на танҳо дониши назариявӣ мукаммал, балки дар бораи амалияи фаъолияти гумрукӣ тасаввуроти бештаре пайдо намоянд.

Дар идома раиси ҳакамони озмун Мерафзун Мерафзунзода оид ба аҳамияти ҳамгироии илм ва амалия дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ суханронӣ намуда, нақши чунин чорабиниҳоро дар баланд бардоштани фарҳанги гумрукӣ муҳим арзёбӣ кард. Зикр гардид, ки такмили заминаи ҳуқуқӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар низоми гумрукӣ аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

Қайд кардан зарур аст, ки мақомоти гумруки кишвар дар ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат, пешгирии қочоқ ва таъмини назорати гумрукӣ нақши муҳим доранд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ин соҳа ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзанда гузоштааст.



Ҳамчунин, намояндаи Вазорати молия Рауф Ҳайдарзода таъкид намуд, ки ҳадафи баргузории чунин озмунҳо дарёфти ҷавонони лаёқатманд, рушди донишҳои назариявӣ, таҳкими ҷаҳонбинӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи гумрук мебошад.

Сипас, Эраҷ Ҷӯрабекзода - сардори Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумрук шартҳои озмунро ба иштирокчиён муаррифӣ намуда, иттилоъ дод, ки озмун давоми ду рӯз идома ёфта, аз рӯйи ду номинатсия - «дастаӣ» ва «инфиродӣ» баргузор мегардад. Ғолибон аз рӯи натиҷаҳои ниҳоӣ муайян ва бо ҷоизаҳо қадрдонӣ карда мешаванд.

# ДДМИТ - ҶОИЗАДОРИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ







Бегоҳи рӯзи 24 апрели соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷамъбаст ва маросими ҷоизасупорӣ ботантана доир гардид. Маросимро ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода ифтитоҳ намуда, бо камоли эҳтиром ҳамаи меҳмононро ба ин ҳамоиши сатҳи баланд хайрамақдам гуфта, ба иштирокчиён дар таҳсил муваффақиятҳои беназир орзу намуд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри ташаккули ҷаҳонбинии илмиву инноватсионӣ, рушди маърифати касбии мутахассисони дорои малакаву маҳорати муосир ва саҳмгузорӣ дар амалигардонии барномаи давлатии рушди неруи инсонӣ дар мамлакат минбаъд низ ҷиҳати баргузории чунин озмунҳо ташаббусҳои наву самарабахшро амалӣ менамояд: “Мо боварии комил дорем, ки озмуни мазкур баҳри амалӣ намудани ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омода намудани мутахассисони баландихтисоси касбӣ мусоидат менамояд”.

Ба андешаи Бобоҷон Сатторзода, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шариконӣ асосии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти омода намудани мутахассисони мақомоти гумрук ба шумор меравад. Ин озмун низ дар доираи ҳамкориҳои судманди донишгоҳ бо хадамот доир гардид.

Дар фарҷом ректор ба Хадамоти гумрук, ҳамаи устодон ва кормандоне, ки дар ташкил ва баргузории ин чорабинии муҳими илмӣ саҳм гузоштаанд, изҳори сипос намуда, баён дошт, ки чунин ташаббусҳо дар оянда низ идома хоҳанд ёфт.

Ҳамин тавр, озмун ҷамъбаст гардида, ғолибон муайян гардиданд.

Дар номинатсияи дастаӣ ҷойи якум ба ДМТ лоиқ дониста шуда, бо Диплом ва 5 ҳазор сомонӣ сарфароз гардид. Ҷойи дуюм ба ДДМИТ бо Диплом ва 3 ҳазор сомонӣ ва ҷойи сеюм ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо Диплом ва 1 ҳазору 500 сомонӣ мукофотонида шуданд.

Барои иштироки фаъолона намояндагони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ гардиданд.

Дар номинатсияи инфиродӣ ҷойи якум ба Суннатулло Аҳтамзода, донишҷӯи ДДМИТ бо Диплом ва 5 ҳазор сомонӣ муваффақ шуд. Ҷойи дуюм ба Муҳаммадиқбол Саидов, донишҷӯи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва ҷойҳои сеюм ба Муҳаммадамин Сафаров, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Сафар Сафаров, донишҷӯи ДМТ бо Диплом ва мукофотҳои пулӣ лоиқ дониста шуданд.

Ҷойҳои ифтихорӣ дар ин номинатсия ба Ҳоҷизода Муҳаммад, донишҷӯи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва Мубораkшо Алихонзода, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев насиб гардид.

Ҳамзамон, ба як қатор намояндагони донишгоҳҳо, шарикон, кормандон ифтихорномаҳои ДДМИТ ва ба устодоне, ки дар ташкил ва баргузории озмун саҳми фаъолона доштанд, аз ҷумла ба устодони ДДМИТ Қудратулло Мираков, Сайидислом Абдуҷабборзода, Фарҳод Давлатов ва Сулаймон Абдуллоев Ифтихорномаи Хадамоти гумрук супорида шуд.

Ба аъзои ҳайати ҳакамон Сипосномаи ДДМИТ тақдим гардид. Ҳамчунин, ба ректори ДДМИТ Бобоҷон Сатторзода ва декани факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии донишгоҳ Мастура Буриева барои дар сатҳи баланд баргузор намудани озмун Медали «Барои ҳамкорӣ»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Ҳамин тавр, озмун дар сатҳи баланд баргузор гардида, дастаи ДДМИТ натиҷаҳои назаррас ба даст овард, ки боиси ифтихори ҳар як иштирокчӣ ва омӯзгорон мебошад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

№ 5 (238) 1.05.26
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон



# ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ДДМИТ

**13 апрели соли равон бахшида ба Ҳафтаи илм Конференсияи умумидонишгоҳии илмиву назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён дар доираи чорабиниҳои вобаста ба “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон гардидани солҳои 2025-2030, 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба кори худ ифтитоҳ бахшид.**

Дар оғози ҳамоиш муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДМИТ Муқимов Қутбиддин Мирзоҷонович иштирокдорон ва ҳайати меҳмононро хайрамақдам гуфта, иброз дошт, ки Ҳафтаи илми тоҷик як рукни муҳими ҳаёти илмӣ ва фарҳангии кишвар ба шумор меравад, ки ҳамасола дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад. Ҳадафи асосии баргузории ин тадбир тарғиб ва рушди илму техника, бедор намудани завқу шавқи ҷавонон ба илм, ошноӣ бо комёбиҳои олимони ватанию хориҷӣ ва рушди тафаккури илмӣ дар ҷомеа мебошад. Ин ҳафта як муҳити хубу созгоре барои олимони варзида, муҳаққиқони ҷавон, равшанфикрону зиёиён, донишҷӯёну хонандагон мебошад, то тавонанд перомуни ҳаёти маънавии миллат, илми ватанӣ ва дастовардҳову пешрафтҳои он изҳори назар намоянд.

Муовини ректор, инчунин, изҳор дошт, ки дар доираи “Ҳафтаи илм” конфронсҳо, мизҳои мудаввар, намоишгоҳҳои ихтироот, мулоқотҳои олимону муҳаққиқон бо ҷавонон ва дигар чорабиниҳои муҳими илмӣ баргузор мегарданд. Тавре Қутбиддин Муқимов афзуд, дар ҷаҳони муосир, ки асоси тараққиёту ободии ҳар миллат ба рушди илм пайвандӣ ногусастанӣ дорад, баргузории “Ҳафтаи илми тоҷик” аҳаммияти стратегӣ дорад. Бе рушди илму технология ва неруи зеҳнӣ наметавон ба пешрафти воқеӣ ноил гашт. Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳ ба илм ва муҳаққиқон, хусусан ҷавонони соҳибистеъдод, бояд ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлату миллат қарор дошта бошад.

Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Мирсаидов Саидакмал Авророви зимни сухани муқаддимавии худ иброз намуд, ки Истиқлоли давлатӣ ва сиёсати хирадмандонаву маърифатпарваронаи Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаи рушду пешрафти босуботи тамоми соҳаҳои кишварро фароҳам овардааст. Дар ин даврон дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи илму маориф ҷойгоҳи хосса касб намуда, мавриди таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат қарор гирифт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт барои солҳои 2025-2030-ро “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон намуданд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ баҳри таъмини шаффофияти муносибатҳои иқтисодию молиявӣ қадамҳои устувор мегузорад ва татбиқи саривақтии ин ташаббус имкон медиҳад, ки дар панҷсолаи минбаъда ин раванд инкишоф ёфта, заминаҳои ҳуқуқӣ такмил ва санадҳои дахлдор қабулу амалӣ карда шаванд.

Дар зимн, Саидакмал Авророви афзуд, ки таҷлили Рӯзи илми тоҷик ва ҳафтаи илм баёнгари он аст, ки фазои маърифативу маънавии кишвари мо ба падидаҳои муосири илмиву тадқиқотӣ рӯ оварда, устувор гардидани мавқеи илм дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа васеъ мушоҳида мешавад.

Зикр гардид, ки илми тоҷик дорои таърихи бостонӣ ва пурғановат аст. Аз Рӯдакӣ то Ибни Сино, аз Умари Хайём то Абурайҳони Берунӣ, аз Насриддини Тусӣ то Абдураҳмони Ҷомӣ, аз Мирзо Улуғбек то Камолиддини Беҳзод, аз Садриддини Айнӣ то Бобоҷон Ғафуров ва даҳҳо ҳазор дигарҳо ҳамаи ин шахсиятҳо порчаи барҷастаи фарҳангу илми тоҷику форсанд. Ҳамасола дар давоми “Ҳафтаи илм” аз саҳми бузурги онҳо дар пешбурди тамаддуни ҷаҳонӣ ёдоварӣ карда мешавад. Ин ифтихори миллӣ на танҳо боиси эҳсоси умқи худшиносӣ, балки ангезаи ҷиддие барои насли нав ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо ҷавонони тоҷик дар соҳаҳои гуногуни илм, аз технологияҳои муосир то тиб, аз кимиё то забоншиносӣ ва фалсафа дастовардҳои назаррас ба даст оварда истодаанд. Ин ҳама натиҷаи дастгирии пайвастаи давлат ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба илму маориф мебошад.

Ба итминони муовини аввали ректори ДДМИТ ин марҳила фурсати хубе баҳри табодули андешаву дастовардҳои илмии олимони кишвар маҳсуб меёбад, зеро дар ин давра, на танҳо силсилачорабиниҳои илмӣ доир мегарданд, балки як фазои мусоиде барои баёни назару дидгоҳҳои муассири илмӣ муаррифӣ шуда, мавриди баррасиҳо қарор мегиранд. Ин лаҳзаҳои муносибе барои олимони варзида, муҳаққиқони ҷавон, равшанфикрону зиёиён, донишҷӯёну магистрантон мебошад, то тавонанд оид ба ҳаёти маънавии миллат, илми тоҷик ва дастовардҳову пешрафтҳои он дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар намуда, андешаҳои илмии худро ба ҷомеа пешниҳод созанд.

Меҳмони ҳамоиш - сармутахассиси Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муъминзода Некрӯз Абдуманнон сараввал паёми шодбошии вазири маориф ва илм Саидзода Раҳим Ҳамроро ба муносибати ҳафтаи илм ба аҳли толор расонида, пасон перомуни афзоиши мақоми илм ва корҳои пажуҳишӣ суҳбат намуд. Тавре мавсуф афзуд, Ҳукумати мамлакат бо мақсади тарбияи наслҳои ояндасози мамлакат сармоягузорӣ ба соҳаи илму маорифро ҳамчун сармоягузории бевосита ба ояндаи миллат ва кафили рушди устувори давлат арзёбӣ намуда, Пешвои миллат низ дар Паёми худ таъкид доштанд, ки: «Ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам». Ин нуктаи калидӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки маориф дар сиёсати давлатӣ на танҳо як соҳаи иҷтимоӣ, балки пояи асосии ташаккули захираи инсонӣ, рушди тафаккури миллӣ ва таҳкими пояҳои истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад.

Маҳз ҳамин фалсафаи давлатдорӣ ва сиёсати хирадмандона аст, ки ҳамасола ба рӯзи илми тоҷик ва Ҳафтаи илм дар моҳи апрел таваҷҷуҳи хосса ва зарурӣ равона гардида, аҳли илму маориф дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат қарор доранд. Далели равшани ин гуфтаҳо сол то сол афзудани ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаи маориф ва илм, инчунин, болоравии мукофотпулиҳо ба озмунҳои илмиву зеҳнӣ мебошад, ки ин нишондод аз афзалиятнок будани маориф дар сиёсати кишвар шаҳодат медиҳад.

Ин андешаи амиқ ва ҳидоятҳои ҳакимонаи Пешвои миллат бозгӯи он аст, ки сиёсати давлат дар соҳаи маориф бар пояи дурнамо, масъулияти таърихӣ ва ғамхорӣ нисбат ба ояндаи давлату миллат бунёд ёфтааст. Зеро маҳз имрӯз гузоштани таҳкурсии мустаҳками илму маориф кафолати фардои ободу пешрафта, ҷомеаи мутамаддин ва давлати неруманди тоҷикон мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии донишгоҳ Давлатзода Дилмурод Ашурбек дар мавзуи “Нақши андози иҷтимоӣ дар таъмини устувории низоми нафақа дар шароити иқтисоди рақамӣ” маъруза кард. Мавсуф дар баромади худ сари таҳаввулоти низоми нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногуни ислоҳоти иҷтимоӣ тамаркуз намуда, онро ба ду марҳила ҷудо намуд. Ба андешаи номбурда, тартиби таъйини нафақа дар давраи Шуравӣ то соли 2014 бар пояи нишондиҳандаҳои маҳдуди собиқаи меҳнатӣ, аз ҷумла интихоби ихтиёрии се ё панҷ соли даромади баландтарини корманд асос ёфта буд. Ин усул ба хусусиятҳои иқтисодиёти мутамарказ мувофиқ буд. Бо мақсади мутобиқсозии низом ба стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ, аз соли 2014 сар карда марҳилаи нави ислоҳот оғоз гардид. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ”, принсипҳои низоми нафақа куллан тағйир ёфтанд. Акнун, андозаи нафақа на аз рӯи даромади чанд соли алоҳида, балки дар асоси маҷмуи андозҳои иҷтимоии пардохтшуда дар тӯли тамоми фаъолияти меҳнатии шахс муайян карда мешавад. Ин раванд, ки “нафақаи суғуртавӣ” номида мешавад, кафолати шаффофият ва алоқамандии бевоситаи саҳми ҳар як шаҳрванд бо ҳаҷми нафақаи ояндаи ӯ мебошад.



Дар ҳамин ҳол, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ Раҳимзода Баҳодур Карим, ки маърузааш “Рушди сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 35 соли Истиқлоли давлатӣ” унвон дошт, бештар дар мавриди дастовардҳои асосии даврони соҳибистиқлолӣ, самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ дар Паёмҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар тибқи низоми банақшагирии стратегӣ, марҳилаҳои барқарорсозӣ ва рушди иқтисодӣ, таҳкими муносибатҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, тадбирҳо доир ба мукаммалгардонии низоми миллии дастгирӣ ва рушди содирот бо овардани мисолҳои мушаххас таҳлили амиқу воқеӣ намуд.



Дар фароварди ҳамоиш устодону омӯзгорони донишгоҳ, профессорон Рустам Раҳматзода ва Ҳамидуллохон Фақеров, инчунин, сардори раёсати таълими ДДМИТ Шуҳрат Сулаймонзода ба музокира баромада, изҳор намуданд, ки ҳафтаи илми тоҷик на танҳо эътироф аз илм, балки ҷашни рӯшанфикрӣ, ҷашни неруи ақл ва эҷод аст. Истиқбол аз ин ҳафта гувоҳи он аст, ки миллати тоҷик дорои захираҳои бузурги зеҳнӣ мебошад ва дар роҳи бунёди ҷомеаи пешрафта ва дорои афкори илмӣ устуворона қадам ниҳода истодааст. Маҳз баргузории ҳамин гуна чорабиниҳои илмӣ метавонанд ба баланд бардоштани мақоми илм дар ҷомеа, баланд бардоштани эҳтиром ба шахсиятҳои илмӣ ва ташаккули насли нави муҳаққиқони ватандӯсту маърифатпарвар мусоидат намоянд.

Дар ин замина, ҳар як шахси ватандӯст, хусусан ҷавонон бояд ба омӯзиш ва кашфи олам таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд, то ояндаи Тоҷикистони азизамон бо нури илму маърифат боз ҳам дурахшон гардад.

Инчунин, рӯзи 20-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маросими ҷамъбасти ҳафтаи илм доир гардид. Дар маросими ҷамъбастӣ муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов ба аҳамияти баргузории чунин чорабиниҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, иброз дошт, ки маҳз тавассути чунин ҳамоишҳо имкон фароҳам меояд, ки донишмандон натиҷаҳои корҳои илмии худро муаррифӣ намуда, барои рушди минбаъдаи илм заминаи мусоид гузоранд.

Қайд гардид, ки қисми ифтитоҳии ҳафтаи илм аз санаи 13 апрел оғоз гардида, то 18 апрели соли ҷорӣ идома ёфта, бахшҳои он дар 28 кафедраи донишгоҳ баргузор гардида, дар онҳо садҳо маърузаи илмӣ шунида ва муҳокима карда шуданд. Дар ин давра, дар доираи бахшҳои гуногуни илмӣ 371 мақолаи илмӣ аз ҷониби устодон, кормандон, магистрантон, докторантон ва донишҷӯён пешниҳод карда шуд.

Дар идома муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов дар бораи дастовардҳои илмию эҷодии ҳайати устодон ва донишҷӯён ибрози андеша карда, зикр намуд, ки донишгоҳ пайваста барои рушди фаъолияти илмӣ шароити мусоид фароҳам оварда, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва тадқиқотҳои амалӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.

Ҳамчунин, зимни баргузории чорабинӣ мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалии донишгоҳ Фаридулло Убайдуллоев доир ба масъалаҳои рушди илми ватанӣ сухан ронда, пешниҳод кард, ки минбаъд ҳангоми ифтитоҳи бахшҳои конференсия аз истифодаи унвони маъмулии “конференсияи апрелӣ” худдорӣ гардида, бо ифтихор таъкид шавад, ки ҳафтаи илм ба хотири гиромидошт ва зодрӯзи Сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ баргузор мегардад. Инчунин, вобаста ба нақш ва саҳми устод Айнӣ дар рушду тарғиби илму маърифат, бедории фикрии ҷомеа ва ташаккули илми миллӣ сухан гуфта шавад.

Дар ҷамъбаст мудирони кафедраҳо ва роҳбарони бахшҳо доир ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ҳисобот пешниҳод намуда, муҳтавои маърузаҳо ва баромадҳои илмиро мавриди таҳлил қарор доданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ як гурӯҳ устодону кормандон ва донишҷӯёни фаъол, ки дар баргузории ҳафтаи илм ва пешниҳоди корҳои арзандаи илмӣ саҳми назаррас гузоштаанд, бо сертификатҳо қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки фишурдаи ҳамаи маводи пешниҳодгардида дар шакли маҷмуаи илмӣ ба нашр расонида мешавад.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ,**
**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**



# ОМОДАГӢ БА 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ



Дар асоси нақшаи чорабиниҳои омодагӣ ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 январи соли 2022, таҳти №311 ҷаласаи раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доир гардид. Дар он муовинони ректор, ҳайати профессорон, деканони факултетҳо, сардорони раёсату мудирони кафедраҳо, роҳбарони шуъбаю бахшҳои донишгоҳ ва дигар сохторҳо иштирок намуда, масъалаҳои дар сатҳи баланд гузаронидани чорабиниҳои ҷашниро мавриди муҳокима қарор доданд.

Нахуст, ректори донишгоҳ Сатторзода Бобочон Абдуҷаббор аз аҳамияти таърихию сиёсӣ ва арзиши бузурги Истиқлоли давлатӣ сухан ронда, афзуд, ки Истиқлолият дастоварди муқаддас ва натиҷаи талошу ҷоннисориҳои фарзандони содиқи миллат буда, он заминаи устувори рушди ҳамаҷонибаи кишварро фароҳам овардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 35 соли соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам намудааст. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар ва ташаббускори иқдомҳои муҳимми байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Дар идомаи ҷаласа масъалаҳои марбут ба омодагӣ перомуни таҷлили бошукӯҳи ин санаи таърихӣ дар ДДМИТ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки дар ҳамаи сохторҳои таълимии донишгоҳ баргузории як қатор чорабиниҳои илмию амалӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва маҳфилҳои тарбиявӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон, роҳбарияти донишгоҳ ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос, рушди технологияҳои муосир ва пайваста мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи бозори меҳнат таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо, дар ҳудуди донишгоҳ насби шиору овезаҳои тарғиботӣ, ташкили муҳити идона, инчунин анҷом додани корҳои ободонӣ, тозагии гирду атроф, сабзкорӣ ва оройиши синфхонаҳо ба таври мунтазам ба роҳ монда мешавад.

Дар фарҷоми ҷаласа ба масъулини сохторҳои дахлдор ҷиҳати иҷрои босифати тадбирҳои пешбинишуда дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Қайд гардид, ки тадбирҳои омодагӣ ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар донишгоҳ идома дошта, ҳадафи асосии онҳо баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихор аз давлатдории миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ дар миёни ҷавонон мебошад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# ҶАЛАСАИ РАЁСАТ БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ДДМИТ



Рӯзи 2-юми апрели соли равон дар ҷаласаи раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон масъалаи омодагиҳо ба таҷлили 30-солагии таъсисёбии донишгоҳ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар ҷаласа роҳбарияти донишгоҳ, роҳбарони сохторҳо ва намояндагони шуъбаҳои марбута иштирок намуда, масъалаҳои дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои ҷашниро муҳокима карданд.

Ректори донишгоҳ Сатторзода Бобочон Абдуҷаббор иброз дошт, ки таҷлили 30-солагии ДДМИТ имкони арзёбии фаъолияти илмӣ-таълимӣ, таҳкими нуфузи донишгоҳ ва муаррифии дастовардҳои он дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Дар ҷаласа нақшаи чорабиниҳои ҷашнӣ баррасӣ гардида, аз ҷумла баргузории конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, мизҳои мудаввар, намоишгоҳи дастовардҳои илмӣ, қадрдонии кормандони собиқ ва собиқадорон, мулоқот бо хатмкунандагони муваффақ ва чорабиниҳои фарҳангӣ пешниҳод ва тасдиқ карда шуданд.

Қайд гардид, ки рамзи донишгоҳ тасдиқ шуда, чорабиниҳои идона ҳанӯз аз моҳи декабри соли 2025 оғоз гардида, дар ин замина, як қатор ташаббусҳо амалӣ карда шудаанд.

Ҳамчунин, масъулин тибқи нақша, вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати омодасозии маводи иттилоотӣ, нашри китобу маҷмуаҳо, таҳияи наворҳои гуногун ва тарғиби васеи дастовардҳои донишгоҳ дар васоити ахбори омма тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар фарҷоми ҷаласа ба сохторҳои дахлдор супориш дода шуд, ки иҷрои сариваќтии нақшаи тасдиқшуда таъмин гардида, тамоми чорабиниҳо дар сатҳи баланди ташкилӣ ва фарҳангӣ баргузор карда шаванд.

Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» дар заминаи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №315 аз 16 июли соли 1996 дар шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст.

Минбаъд, соли 2006 муассиса ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон табдил дода шуда, соли 2012 дар асоси муттаҳидсозӣ бо Донишкадаи молияи Тоҷикистон ба «Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон» табдил ёфт. Бо назардошти дастовардҳои назаррас дар самти таълиму тарбия ва болоравии мақому нуфуз, соли 2018 муассиса ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон табдил дода шуд.

Донишгоҳ ҳамчун зодаи даврони Истиқлоли давлатӣ дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушд намуда, имрӯз ба яке аз муассисаҳои пешсафи таҳсилоти олии касбии кишвар мубаддал гардидааст.

Дар натиҷаи фаъолияти пурсамар ва меҳнати содиқонаи устодону кормандон, донишгоҳ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, имрӯз дар қатори чор муассисаи бехтарини таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ қарор дорад.

Донишгоҳ бо доро будан ба иқтидори баланди илмӣ ва таълимӣ, инфрасохтори муосир ва муҳити мусоиди таҳсил, ҳамчун маркази омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои молия ва иқтисод шинохта шудааст.

Хатмкунандагони донишгоҳ имрӯз дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, хизмати давлатӣ, илму маориф ва соҳибкорӣ фаъолияти самаранок дошта, дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзанда мегузоранд.

# МУЛОҚОТ ДАР ДОИРАИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРИКӢ

Санаи 17-уми апрели соли 2026 мулоқоти намояндагони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҶСП “Фридом Бонк Тоҷикистон” баргузор гардид. Дар вохӯрӣ ҳайати донишгоҳро Мирсаидов Сайдакмал Аврорович, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим ва ҶСП “Фридом Бонк Тоҷикистон”-ро Жангарина Назгул Жолкубоевна роҳбарӣ менамуданд.



Ибтидо Саидакмал Мирсаидов оид ба имконияту шароитҳои мавҷудаи таълимию илмӣ, вазъи инфрасохтору таҷхизоти техникӣ, барномаҳои таълимию потенсиали кадрии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба намояндагони ҶСП “Фридом Бонк Тоҷикистон” маълумоти мухтасар дод.

Жангарина Назгул Жолкубоевна низ дар навбати худ оид ба имкониятҳои мавҷудаи фаъолияти молиявию иқтисодии ин ниҳод иттилои заруриро пешкаш намуд.

Ҷонибҳо ба хулосае омаданд, ки бо ба инобат гирифтани шароитҳои ҳарду ҷониб имконияте мавҷуд аст, ки ҳамкориҳоро дар самти фарогирии донишҷӯён ба таҷрибаомӯзии истеҳсолию истеҳсолии пешздипломӣ, таъмин намудан бо ҷои корӣ васеъ ба роҳ монанд.

Мувофиқи мақсад дониста шуд, ки ҷиҳати амалӣ намудани ин ҳадафҳо бояд шартномаи дуҷониба таҳия гардида, ба тасвиб расонида шавад. Қайд гардид, ки дар кутоҳзамон чунин шартномаҳо ба тасвиб расида, фазои муассири ҳамкориҳо эҷод карда мешавад.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# ФЕСТИВАЛ-НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШГОҲҲО: ҚАДАМИ НАВ ДАР РУШДИ МАОРИФИ МИЛЛӢ

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-ум то 10-уми апрели соли 2026 чорабинии муҳими байналмилалӣ - фестивал-намоишгоҳи донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ бо иштироки васеи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардид. Ин чорабинии сатҳи баланд дар Маркази байналмилалии «ЭКСПО–Душанбе» доир шуда, ба як майдони муҳими муаррифии имкониятҳои таҳсилоти олӣ, табодули таҷриба ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёфт.**





Фестивал-намоишгоҳ бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардида, дар он намояндагони донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, давлатҳои Осиё, Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико иштирок намуданд. Ҳамзамон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохили кишвар низ фаъолона дар ин чорабинӣ ширкат варзида, имкониятҳои таълимӣ ва дастовардҳои илмии худро муаррифӣ карданд.

Маросими ифтитоҳи фестивал бо сухани муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхолиқзода Лутфия Абдулхолиқ оғоз гардид. Мавсуф зимни суханронии худ таъкид намуд, ки баргузории чунин чорабиниҳо дар шароити ҷаҳонишавии илму маориф аҳамияти махсус дошта, баҳри баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии донишгоҳҳо, ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба рушди соҳаи маориф диққати махсус зоҳир намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таҳсил, тадқиқот ва навоварӣ тадбирҳои муҳим андешида истодааст. Фестивал-намоишгоҳ ҳамчун як платформаи муосир имкон медиҳад, ки донишгоҳҳо на танҳо барномаҳои таълимии худро муаррифӣ намоянд, балки робитаҳои нави илмӣ ва таълимиро низ ба роҳ монанд.

Дар доираи чорабинӣ гӯшаҳои намоишии зиёде ташкил гардида буданд, ки дар онҳо донишгоҳҳои гуногун барномаҳои таълимӣ, ихтисосҳо, шароити таҳсил ва имкониятҳои тадқиқотии худро пешкаши меҳмонон намуданд. Ҳамзамон, донишҷӯён ва довталабон имкон пайдо карданд, ки мустақиман бо намояндагони донишгоҳҳо мулоқот намуда, оид ба шартҳои қабул, бурсияҳо ва имкониятҳои таҳсил дар хориҷи кишвар маълумоти муфассал гиранд.

Яке аз иштирокчиёни фаъоли фестивал Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Намояндагони донишгоҳ дар гӯшаи намоишии худ дастовардҳои илмӣ, барномаҳои таълимии замонавӣ ва имкониятҳои ҳамкориҳои байналмилалиро муаррифӣ намуда, таваҷҷуҳи зиёди меҳмононро ҷалб карданд. Ҳамзамон, донишгоҳ омодагии худро барои густариши ҳамкориҳо бо муассисаҳои хориҷӣ дар самти табодули донишҷӯён ва омӯзгорон иброз намуд.

Дар баробари намоишгоҳ, дар доираи фестивал як қатор ҳамоишҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ баргузор гардиданд. Дар ин чорабиниҳо масъалаҳои муҳими соҳаи таҳсилоти олӣ, аз ҷумла рақамикунонии низоми таълим, истифодаи технологияҳои муосир, рушди тадқиқоти илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Иштирокчиён аз кишварҳои гуногун таҷрибаи худро дар самти ташкили раванди таълим, истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ мубодила карданд. Ин мубодилаи таҷриба барои такмили низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Қобили зикр аст, ки чунин фестивалҳо на танҳо барои донишгоҳҳо, балки пешорӯи ҷавонон низ имкониятҳои нав фароҳам меоранд. Довталабон метавонанд бо интихоби васеи ихтисосҳо шинос шуда, роҳи дурусти касбии худро муайян намоянд.

Меҳмонон ва иштирокчиёни фестивал аз сатҳи баланди ташкили чорабинӣ ва меҳмоннавозии ҷониби Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карданд. Онҳо таъкид доштанд, ки чунин чорабиниҳо ҷиҳати таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва илмӣ байни кишварҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар фарҷом зикр гардид, ки фестивал-намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳо як қадами муҳим дар самти рушди соҳаи маориф ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, дар оянда низ баргузории чунин чорабиниҳо идома хоҳанд ёфт.

Ҳамин тариқ, фестивал-намоишгоҳ дар Маркази «ЭКСПО–Душанбе» ба як рӯйдоди муҳими байналмилалӣ табдил ёфта, дар рушди таҳсилоти олӣ, густариши робитаҳои илмӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷавонон саҳми назаррас гузошт.

## МИЗИ МУДАВВАР БАҲРИ ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА



**Рӯзи 8 апрел бо иштироки намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва сохторҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мизи мудаввар доир гардид, ки дар он намояндагони муассисаҳои таълимӣ, коршиносони соҳаи маориф ва иштирокчён оид ба масъалаҳои таҳсилоти байналмилалӣ, мубодилаи таҷриба ва рушди ҳамкориҳои таълимӣ мубоҳисаҳои судманд анҷом доданд.**

Сипас, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии ДДМИТ Парвиз Ғафуров афзуд, ки ҳамкорӣ бо Маркази байналмилалии таълимӣ-методии мониторинги молиявӣ имкон медиҳад, ки технологияҳои муосири таълимӣ ҷорӣ карда шуда, сатҳи тахассуси ҳайати профессорону омӯзгорон баланд бардошта шавад.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки дар шароити чолишҳои муосири ҷаҳонӣ низоми таҳсилоти олӣ бояд ба омодасозии мутахассисони замонавӣ равона гардад. Чунин мутахассисон бояд на танҳо дорои донишҳои бунёдӣ, балки соҳиби малакаҳои амалӣ, салоҳиятҳои рақамӣ ва қобилияти фаъолияти самаранок дар шароити хавфҳои глобалӣ бошанд.

Олеся Тришина, муовини сардори Маркази байналмилалии таълимӣ-методии мониторинги молиявӣ зикр намуд, ки чорабинии мазкур барои донишҷӯён ва хатмкунандагон



имкони мусоид фароҳам меорад, то бо барномаҳои таҳсилӣ, равандҳои қабул ва дурнамои рушди касбии худ аз наздик шинос шаванд.

Хулоса карда шуд, ки баргузории чунин чорабиниҳо ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, такмили низоми таҳсилоти олӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мусоидат намуда, баҳри рушди минбаъдаи соҳаи амнияти молиявӣ ва маориф заминаи устувор фароҳам меорад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# “БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2026”

Санаи 1 майи соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявӣ байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони “Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар соли 2026 ба фаъолияти худ оғоз бахшид.

Дар доираи баргузории озмуни мазкур ҳамчунин, конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Ташаккули низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: таърих, таҷриба ва дурнамо” доир гардид, ки ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии таъсисёбии ДДМИТ ва Рӯзи касбии кормандони мақомоти андоз бахшида шуд.

Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор бо суханони муқаддимавӣ баромад карда, сараввал меҳмонон, ҳакамон ва ширкаткунандагонро барои ташриф оварданашон ба





Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар Озмуни ҷумҳуриявии “Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо ташаббуси муштараки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мегардад, аз номи аъзои раёсат, Шурои олимон, ҳайати профессориву омӯзгории донишгоҳ сипосгузорӣ намуда, ҳамзамон афзуд, ки ҳадафи озмун муаррифии ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, донишҳои назариявии донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ ва тақвият бахшидани ҳисси худшиносии донишҷӯён мебошад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамчун муассисаи олии таълимӣ баҳри амалӣ намудани мақсаду мароми Ҳукумати мамлакат дар самти омода намудани мутахассисони соҳаҳои молия ва иқтисод як қатор иқдомҳоро рӯи даст гирифтааст, ки баргузории озмуни “Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” яке аз онҳо мебошад. Дар идома Бобоҷон Сатторзода ёдовар шуд, ки озмуни мазкур бори шашум бо ибтикори ДДМИТ доир гардида, сол аз сол хоҳишмандони зиёдеро ба майдони рақобатҳои донишҳои тахассусии оянда соҳаи андоз ба ҳам меоварад.

Сипас, бо намояндагӣ аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассиси пешбари Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии ниҳоди мазкур Муродхоҷазода Суҳроб зимни баромади хеш баргузории чунин як ҳамоиши муҳим дар арафаи ҷашнҳои бузурги миллӣ, бо шумули 35-солагии Истиқлолияти давлатии кишвари маҳбубамон, 30-солагии таъсисёбии ДДМИТ ва Рӯзи касбии кормандони мақомоти андозро дорои аҳамияти хос арзёбӣ намуда, афзуд, ки ин ҳама барои баррасии дастовардҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди низоми андоз заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Имрӯзҳо, бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ, такмили низоми андоз, соддагардонии расмиёт ва баланд бардоштани шаффофият аз ҷумлаи вазифаҳо ва самтҳои афзалиятнок ба шумор мераванд. Дар ин самт ҳамкории зич байни байни муассисаҳои илмӣ ва мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад.

Мавзуи маърӯзаи мушовири байналмилалии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Модестас Каселияскас, ки ба “Тамоюлҳои идоракунии муосири андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шуда буд, бештар паҳлӯҳои татбиқи ҳадафҳои сиёсати андоз ба иқтисодиёти кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Ба андешаи Модестас Каселияскас, татбиқи ҳадафҳои сиёсати андоз дар маҷмуъ ба як қатор соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, аз қабили тиҷорат, бахши хусусӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, шуғли аҳолӣ ва рушддиҳии онҳо таъсир расонида, заминаи рушди фарҳанги андозсупориро дар замони иқтисоди рақамӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва рақамисозӣ таъмин месозанд.

Сардори Раёсати робитаҳои байналмилалии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазирзода Собирҷон Зокир перомуни масъалаҳои “Рақобатпазирии андозии Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои ИДМ” суҳбат ороста, бештар ба масъалаҳои умдаву баҳсбарангез, ки гӯё “Соҳибкорони тоҷик аз сабаби гаронии андозҳо ба кишвари ҳамсояи Узбекистон “фирор” мекунанд” тамаркуз намуд. Ба андешаи муаллиф, дар ин масъала на фирор аз гаронии андоз омили асосист, балки бозор, аҳолӣ ва ҳамгироии минтақавӣ муайянкунандаи вазъ буда метавонад.

Дар идома мавсуф бо такя ба маълумоти Кумитаи омори Ҷумҳурии Узбекистон ба 1 феврали соли 2026 мисолҳои мушаххас пешниҳод намуда, ҳамзамон афзуд, ки тибқи ҳамин санад, дар кишвари ҳамсоя аз рӯйи соҳаҳои мухталиф 410 корхонаи шаҳрвандони Тоҷикистон сабти ном шудааст, ки 45 дарсади онҳо дар худи Тоҷикистон низ фаъолият менамоянд. “Бинобар ҳамин, ин як раванди маъмул дар ҷаҳони муосир аст, на фирору ранҷиш ва ё гаронии андозҳо. Чунин бархӯрд дар истилоҳи муосир “фейк нюс” ном дошта, бо мақсади дидаву каниста дурӯғпароканӣ, бадномсозӣ ва ба ин васила гӯл задани ҷомеа сурат мегиранд. Ҳол он ки парадокси ҳамин ҳолатро дар Федератсияи Россия мушоҳида мекунем, ки бо вуҷуди баланд будани пардохтҳои андозӣ, тиҷорати фаъол дар гардиш аст. Агар фирор аз андоз омили дурусти баҳогузорӣ ба системаи андозбандии кишвари мо дуруст мебуд, дар Федератсияи Россия тиҷорати тоҷикон муваффақона пеш намерафт.”, - изҳор дошт Собирҷон Вазирзода ва дар ин росто иброз дошт, ки Тоҷикистон дар миқёси ИДМ теъдоди камтарини андозҳоро дорост. Бинобар ҳамин, ба назари номбурда, раванди кушодани корхонаҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар Узбекистон ин нишонаи камолоти соҳибкорӣ, тавсеаи тиҷорат ва ҳамгироии иқтисодии ду кишвар бояд маънидод гарданд, на чизи дигар.

Гардонандаи ҳамоиш муовини ректори ДДМИТ оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов дар хотима шартҳои ширкат дар озмунро шарҳ дода, изҳор дошт, ки он аз рӯйи ду номинатсия дар шакли дастаӣ, яъне дастаӣ-назариявӣ ва дастаӣ-амалӣ гузаронида шуда, бо ин мақсад барои муайян намудани рақибони дастаҳо аз рӯйи ҳар ду номинатсия аллакай қуръакашӣ доир шуд. Ҳамин тариқ, ғолибони даври ниҳоӣ сазовори ҷойҳои 1,2,3 ва 4 гардида, бо сипосномa, ифтихорномаҳо ва тӯҳфаҳои пуливу молии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонида мешаванд.

Хотиррасон менамоем, ки конфронс ва озмун кори худро дар бахшҳо идома хоҳанд дод.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# БЕҲТАРИНҲО МУАЙЯН ШУДАНД




Бегоҳии ҳамон рӯз маросими ҷамъбастӣ ва ҷоизасупории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор шуд. Дар оғози чорабинӣ ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор суханронӣ намуда, меҳмонон, устодон ва ғолибонро барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» самимона хайрамақдам гуфт.

Ба таъкиди мавсуф, донишгоҳ дар заминаи иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинии илмиву инноватсионӣ, рушди маърифати касбӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон минбаъд низ ташаббусҳои судмандро амалӣ хоҳад намуд.

Ректор изҳор дошт, ки озмуни мазкур барои татбиқи сиёсати давлатии омода намудани мутахассисони баландихтисос мусоидат намуда, ҳамкориҳои самараноки байни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам таҳким мебахшад.

Ҳамчунин, ба роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аъзои ҳакамон ва сарпарастони озмун барои саҳмгузорӣ дар баргузории чорабинӣ изҳори сипос карда шуда, сипосномаву тӯҳфаҳо тақдим гардид.

Дар идомаи чорабинӣ ба Суҳроб Муродхоҷазода - мутахассиси пешбари Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Вазирзода Собирҷон Зокир, Шаҳбоз Назриев, Обиди Маҳмадсаид, намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шариконии тиҷоратӣ сипосномаи донишгоҳ тақдим гардид. Инчунин, намояндагони ҳамаи муассисаҳои иштирокчӣ бо сипосномаҳои ДДМИТ қадрдонӣ шуданд.

Ёдовар мешавем, ки озмун аз рӯи ду номинатсия «Дастаӣ-амалӣ» ва «Дастаӣ-назариявӣ» баргузор гардид.

Ҳамин тариқ, дар асоси хулосаи ҳакамон ғолибон ба таври зайл муайян карда шуданд:

Дар номинатсияи «Дастаӣ-амалӣ»:

**Ҷойи якум - дастаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд;**

**Ҷойи дуюм - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;**

**Ҷойи сеюм - дастаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.**

**Дар номинатсияи «Дастаӣ-назариявӣ»:**

**Ҷойи якум - дастаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;**

**Ҷойи дуюм - дастаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд;**

**Ҷойи сеюм - дастаҳои Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.**

Ғолибон бо мукофотҳои пулӣ (мутаносибан ба 5 ҳазор, 3 ҳазор ва 1500 сомонӣ), симкортҳои тиллоӣ, нуқрагин ва биринҷии ширкатҳои мобилӣ, инчунин Ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравии кумитаи тадорукоти озмун сарфароз гардонида шуданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ иштирокчиён ва меҳмонон акси хотиравии дастаҷамъӣ гирифтанд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**



# ХИЗМАТ БА ВАТАН ДАРСИ МАРДОНАГИСТ!



Рӯзҳои 1-3-юми апрели соли 2026 дар саҳни ДДМИТ бахшида ба гусели як гурӯҳ донишҷӯёне, ки имтиҳоноти хатмро барвақт супорида, бо хоҳиши худ азми хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доштанд, чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ Атторзода Бобоҷон Абдуҷаббор донишҷӯён, падару модарон ва кулли ҳозиринро ба ин амали ҷавонмардонаи донишҷӯён табрику муборакбод намуда, иброз дошт, ки ҳамасола дар сартосари мамлакат ҷавонони ба синни хизмат расида ба сафи Артиши миллӣ даъват карда мешаванд. Имрӯз ҳимояи марзу буми Тоҷикистони азиз қарзи ҳар як ҷавонмард ва хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактаби зиндагӣ буда, он бешубҳа мактаби воқеии зиндагӣ, мардонагӣ ва ҷасорат аст. Рисолати муқаддаси Артиши миллӣ ҳимояи амнияти давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад. Хизмати ҳарбӣ нишонаи дарки ватандӯстӣ ва ҳимояи давлат ва халқи Тоҷикистон аст. Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳаббати ҳар як шаҳрвандро нисбат ба Ватан-Модар зиёд намуда, ӯро дар руҳияи худогоҳиву хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ тарбият мекунад. Ҷавонон ва донишҷӯёне, ки имрӯз ба сафи аскарӣ даъват мегарданд, вазифаи муқаддаси худро бо устуворию фидокорӣ иҷро менамоянд, ки ин аз муҳаббат ва садоқат ба Ватан доштаашон гувоҳӣ медиҳад.

Дар охири баромад ректори донишгоҳ Атторзода Бобоҷон Абдуҷаббор бо донишҷӯён ва волидайни эшон воҳӯрии гарму самимона доир намуда ба падару модарон ва пайвандон барои тарбияи чунин фарзандон изҳори сипос ва ба донишҷӯён хизмати арзандаро таманно намуд.

Барномаи фарҳангии фараҳбахшу дилнишини шуъбаи фарҳанги донишгоҳ таҳти роҳбарии Ҷӯрамуроди Маҳмадназар хотираи даъватшудагон ва волидайни онҳоро шоду масрур гардониданд.

Чорабинӣ дар фазои ватандӯстиву хештаншиносӣ ҳусни анҷом пазируфт. Бояд гуфт, ки баргузории ин қабил чорабиниҳо садоқати ҳар шаҳрвандро нисбат ба Ватан афзун мегардонанд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ҚАДРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ АРЗАНДА



Муаллимаи азизу арҷманд, собиқадори соҳаи маориф ва илм, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидова Қутбия Ҳалимхоновна ба синни камолоти умр расид.

Зимни табрикот ректори донишгоҳ Атторзода Бобоҷон Абдуҷаббор иброз дошт, ки Ҳомидова Қутбия дар тӯли фаъолияти бисёрсолаи худ ҳамчун омӯзгори ботаҷриба, тарбиятгари наслҳои зиёди донишҷӯён ва шахси масъулиятшиносу хирадманд шинохта шудааст. Меҳнати содиқона, садоқат ба касби омӯзгорӣ ва ахлоқи намунавии ӯ ҳамеша намунаи шоиста барои ҳамкорон ва шогирдон будааст. Саҳми арзандааш дар рушди илму маориф махсус таъкид карда шуд. Ба муаллимаи гиромӣ саломатии бардавом, умри дароз, рӯзгори ободу осуда ва комёбиҳои минбаъда таманно намуда, тӯҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Муаллима зимни суханронии худ бо ифтихор иброз дошт, ки ДДМИТ имрӯз яке аз пойгоҳҳои асосии омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи иқтисод ва молияи кишвар ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки Ҳомидова Қутбия Ҳалимхоновна муаллифи чандин монография, китоби дарсӣ ва васоити таълимӣ, мақолаи илмӣ ва дастури методӣ мебошад.

Мавсуф хатмкардаи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳозира ДМТ) буда, фаъолияти беш аз 40-солаи меҳнатӣ дорад. Аз соли 2000 инҷониб дар кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ фаъолият дошта, соли 2011 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Аз таърихи равобити фарҳангии Тоҷикистону Русия дар солҳои 1924-1941» бомуваффақият дифоъ намудааст.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# ЧУНОН ДАР ШЕЪР ГУФТАН ХУШЗАБОН БУД

Рӯзи 22 апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳфили умумидонишгоҳии илмӣ-адабӣ бахшида ба бузургдошти 1050-солагии нахустин бонуи суханвари адабиёти тоҷику форс Робиаи Балхӣ доир гардид.

Дар оғози чорабинӣ муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов меҳмононро хайрамақдам гуфта, таъкид намуд, ки дар китоби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат - ҳастии миллат» зимни баррасии адабиёти давраи Сомониён аз Робиаи Балхӣ низ ёд шудааст, ки ин нишонаи таваҷҷуҳи хос ба мероси адабии занони тоҷик мебошад.



Дар заминаи дастуру супоришҳои муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2026 ва мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2026 аз тарафи ректори ДДМИТ Бобоҷон Атторзода ҷадвали баргузории чорабиниҳои ДДМИТ вобаста ба 1050-солагии бонуи суханвари адабиёти тоҷику форс Робиаи Балхӣ таҳия гардида, дар донишгоҳ баргузории як қатор чорабиниҳо бахшида ба ин санаи муҳими фарҳангӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар идомаи маҳфил шоираҳои шинохта Назокат Олимзода ва Робияи Холмирзо доир ба таҷрибаи эҷодӣ, таъсири шеър ва китобхонӣ ба маънавиёти инсон сухан гуфта, шеърҳои ватандӯстона ва ошиқонаро қироат намуданд.

Ҳамчунин, профессори кафедраи забони тоҷикӣ Наргис Аслонова дар мавзуи "Робиа ва фоҷеаи ӯ" маърузаи илмӣ ироа намуд.

Дигар устодону масъулини донишгоҳ, аз ҷумла сардори раёсати илм ва инноватсия Ҷовидон Халифазода, мудири кафедраи забони тоҷикӣ Манзура Ҳасанова ва омӯзгори ин кафедра Саврӣ Муҳаммадиева низ доир ба аҳаммияти гиромидошти ин шахсияти барҷаста андешаҳои худро баён доштанд.

Қисмати адабии маҳфил бо қироати ашъори Робиаи Балхӣ аз ҷониби донишҷӯён рангу ҷилои тоза гирифт.

Таъкид шуд, ки аз мероси адабии Робиаи Балхӣ ҳамагӣ 55 байт боқӣ мондааст, ки аз 7 ғазал, 4 дубайтӣ ва 2 байт иборат мебошад. Бо вуҷуди кам будани осор, истеъдоди баланди шоирии ӯ равшан эҳсос мегардад. Мавзуъҳои асосии ашъори ӯ ишқи поки инсонӣ, зебоиҳои табиат ва андешаҳои фалсафӣ мебошанд.

Гуфта шуд, ки Робиаи Балхӣ аз нахустин шоирзанони порсигӯй буда, ҳамасри Рӯдакӣ маҳсуб мееёбад. Ӯ дар Балх ба дунё омада, бо истеъдоди нотакрор ва завқи баланди шеърнависӣ шуҳрат ёфтааст.

Ҳаёти ӯ саршор аз ишқу фоҷеа буда, қиссаи муҳаббати ӯ ба Бекташ ва анҷоми фоҷиабораш илҳомбахши бисёре аз адибон гардидааст. Дар ин замина, Фаридуддин Аттор низ дар асари худ «Илоҳинома» аз зиндагии ӯ ривоят кардааст.

Дар фарҷом меҳмонон аз китобхонаи илмии донишгоҳ боздид намуда, бо ин маъхази адабӣ ва илмӣ ошно гардиданд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# ДДМИТ СОҲИБИ МАҶАЛЛАИ НАВ ШУД

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳо, масъалаҳои иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз аҳамияти асосиро соҳиб гардидааст. Аз ин рӯ, мавҷудияти як заминаи илмии махсус дар ин самт метавонад саҳми назаррас дар рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими иқтидори зеҳнии кишвар гузорад.

Бо назардошти ин омил, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти рушди илм ва тадқиқоти муосир боз як қадами муҳим гузошт. Донишгоҳ соҳиби маҷаллаи нави илмӣ бо номи «Иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз» гардид, ки ин иқдом ба густариши фазои илмӣ ва таҳкими тадқиқоти соҳавӣ мусоидат менамояд. Санаи 4 апрели соли 2026 маҷаллаи мазкур таҳти №481/МҶ-97 аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, соҳиби шаҳодатнома гардид. Муҳлати эътибори шаҳодатнома бошад, то 4 апрели соли 2029 муқаррар шудааст, ки ин ба фаъолияти устувор ва банақшагирифтаи маҷалла дар солҳои наздик замина мегузорад.


Замимаи №1
ба Тартиби баҳисобгирии давлатии фаъолияти ношириӣ, корхонаҳои полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ШАҲОДАТНОМА

№ 481/МҶ-97 аз «04» апрели с.20 26

Дода шуд ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (номи муассис)

дар бораи баҳисобгирии Маҷаллаи "Иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз" (номи муассисаи полиграфӣ, нашриёт, дигар шаклҳои фаъолияти ношириӣ, матбуоти даврӣ ва савдои китоб)

Суроға, телефон: шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, тел.: 231-02-01, 001 99-09-05

Ҳадаф ва вазифа: Нашри мавод бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мавзӯъ, самт ва соҳаи фаъолият: Нашри мақолаҳои илмӣ-назариявии устодон, магистрантон, донишҷӯён ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёт, рақамикунонӣ, иқтисоди сабз ва инноватсия.

Аз «04» апрели с.20 26 то «04» апрели с.20 29 эътибор дорад.

ВАЗИР Сатториён М. А.
(насаб, ном ва номи падар, имзо ва муҳр)

Маҷаллаи илмии «Иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз» минбари муҳими илмӣ барои нашри мақолаҳои илмӣ-назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Дар он масъалаҳои мубрами соҳаи иқтисод, аз ҷумла рушди иқтисоди рақамӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, иқтисоди сабз, истифодаи самараноки захираҳо ва роҳҳои расидан ба рушди устувор мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ҳамзамон, маҷалла имкон фароҳам меорад, ки натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии устодону олимони ДДМИТ, дигар муассисаҳои илмӣ-таълимии кишвар ва хориҷ инъикос ёбанд. Ин омил ба таҳкими ҳамкориҳои илмӣ, табодули таҷриба ва ворид гардидани дастовардҳои миллӣ ба фазои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Тибқи нақша, маҷалла дар як сол 4 шумора ба нашр мерасад, ки ин ба муҳаққиқон имкони мунтазам пешниҳод намудани натиҷаҳои корҳои илмии худро фароҳам месозад.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**



# ДДМИТ ҒОЛИБОНРО САЗОВОР ПЕШВОЗ ГИРИФТ

Боиси ифтихор ва сарбаландист, ки устодону донишҷӯён дар озмунҳои ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд ва бо ин васила, номи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро боз ҳам баланд мебардоранд. Ин дастовардҳо гувоҳи сатҳи баланди омодагии илмӣ, маърифатӣ ва қобилияти рақобатпазирии донишҷӯёни донишгоҳ мебошанд.

Миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ се нафар намояндаи донишгоҳ - Сайдализода Гулчеҳра Шарифхон, Абдулҳақова Нилгуна Ҷамшедовна ва Мирзодавлатова Дилангез Фаруховна барандагони Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе гардиданд. Ҳамзамон, барандаи Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе Ҳамроев Мирсаид Исмоилович - муовини сардори раёсати илм ва инноватсия ва устоди кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон, инчунин, барандаи Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе дар самти техника ва технология Азимов Умедҷон Киромиддинович ва директори китобхонаи илмии донишгоҳ Азизулло Исматуллозода низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштанд.

Онҳоро пас аз нисфирӯзии 18-уми апрел дар саҳни донишгоҳ ректори донишгоҳ Satторзода Бобоҷон Абдуҷаббор, муовинон, роҳбарони раёсатҳо, деканони факултетҳо, устодон ва шумораи зиёди донишҷӯён бо фазои идона, гулу гулдастаҳо ва эҳтироми хоса истиқбол гирифтанд. Зеро дастовардҳои онҳо намунаи равшани заҳмати пайваста ва талошҳои созандаи ҷавонони донишгоҳ ба ҳисоб меравванд.

Ба ин муносибат, саҳни донишгоҳ ба як ҷашнгоҳи ҳақиқӣ табдил ёфта буд, ки дар он фазои самимият, эҳтиром ва қадршиносӣ ҳукмфармо буд. Ин манзара рамзи равшани эҳтиром ба илму дониш ва арҷгузорӣ ба меҳнати ҷавонони соҳибистеъдод ба шумор меравад.

Лаҳзаҳои истиқбол нишон доданд, ки ҷомеаи донишгоҳӣ ба дастовардҳои ҳар аъзои худ бетараф нест ва ҳар муваффақият ҳамчун пирӯзии умумӣ пазируфта мешавад. Чунин иқдомҳо дар баланд бардоштани рӯҳияи донишҷӯён, ташвиқи фаъолияти илмӣ ва таҳкими ҳисси масъулият нақши муҳим мебозанд.

Қобили зикр аст, ки дар донишгоҳ барои рушди тафаккури техникӣ, густариши ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷалби ҷавонон ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ пайваста тадбирҳои муассир амалӣ карда мешаванд.

Ин дастовардҳо ва чунин истиқболи гарму самимӣ гувоҳи онанд, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушд қарор дошта, бо такя ба неруи зеҳнии ҷавонон ва таҷрибаи устодон ба сӯи қуллаҳои баландтар қадам мегузорад.

# СЕ ДОНИШҶӮЙИ ДДМИТ ГИРАНДАИ СТИПЕНДИЯИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Боиси ифтихору сарбаландист, ки намояндагони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар миёни ғолибони озмунҳои бонуфузи шаҳрӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол намуданд. Аз ҷумла, се нафар донишҷӯи фаъоли донишгоҳ - Сайдализода Гулчеҳра Шарифхон, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, Абдулҳақова Нилгуна Ҷамшедовна, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси аудит ва ревизияи факултети ҳисобдорӣ ва омор ва Мирзодавлатова Дилангез Фаруховна, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ барандагони стипендияи Раиси шаҳри Душанбе барои соли хониши 2025-2026 гардиданд.



Ин дастоварди баланд нишонаи заҳмати пайваста, донишандӯзии амиқ ва иштироки фаъолонаи онҳо дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ мебошад. Ҳар яке аз ин донишҷӯён дар давраи таҳсил бо натиҷаҳои баланди таълимӣ, ташаббусҳои навоварона ва иштироки фаъол дар озмуну конференсияҳои илмӣ худро ҳамчун ҷавонони ояндадор муаррифӣ намудаанд.

Зимни маросими тантанавӣ ғолибон бо шаҳодатномаҳои фахрӣ ва мукофотпулиҳо қадрдонӣ гардиданд. Қадрдонии чунин ҷавонони соҳибистеъдод гувоҳи таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти шаҳр ба рушди илму маориф ва дастгирии неруи зеҳнии ҷомеа мебошад.

Аз номи аҳли эҷоди муассиса ҳамаи ғолибонро бо ин дастоварди назаррас самимона муборакбод гуфта, ба онҳо комёбиҳои нав, илҳоми эҷодӣ ва муваффақиятҳои боз ҳам бештарро орзумандем. Бешубҳа, чунин қадрдониҳо масъулияти онҳоро дар назди ҷомеа бештар намуда, барои идомаи фаъолияти самаранок дар ҷодаи илму дониш ва хизмати содиқона ба Ватан заминаи устувор мегузорад.

# КИТОБХОНАИ ИЛМИИ ДДМИТ МАҚОМИ ШОИСТАРО СОҲИБ ШУД




Бо мақсади рушди устувори фаъолияти китобхонаҳо, таҳкими заминаҳои моддиву техникии онҳо, густариши фарҳанги китобхонӣ ва ҷалби бештари аҳолӣ ба мутолиа бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе озмуни шаҳрии «Китобхонаи беҳтарин» роҳандозӣ гардид. Ин озмун ҳамасола бо иштироки вазорату идораҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳо баргузор шуда, ба рушди соҳаи китобдорӣ ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа мусоидат менамояд.

Даври шаҳрии озмун миёни беҳтарин китобхонаҳои пойтахт ҷамъбаст гардида, натиҷаҳои ниҳоӣ дар 18 апрел зимни таҷлили Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуданд.

Боиси ифтихор аст, ки Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар озмуни мазкур фаъолона иштирок намуда, дар номинатсияи «Китобхонаи беҳтарини илмӣ-соҳавӣ» сазовори ҷойи сеюм гардид. Ин дастоварди назаррас гувоҳи фаъолияти пурсамар, сатҳи баланди хизматрасонӣ ва саҳми арзандаи китобхона дар рушди илму маърифат мебошад.

Зимни маросими ҷамъбастӣ директори китобхонаи илмии донишгоҳ Азизулло Исматуллозода бо диплом ва мукофотпулӣ ба маблағи 5000 сомонӣ қадрдонӣ карда шуд. Ин қадршиносӣ самараи заҳмати дастҷамъонаи кормандони китобхона ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ ва рушди қобилиятҳои илмии донишҷӯён, дар назди китобхона маҳфилҳои гуногуни илмӣ-адабӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, толори махсус барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таъсис дода шудааст, ки барои донишҷӯён, магистрантон ва унвонҷӯён шароити мусоид фароҳам меорад.

Ин дастоварди Китобхонаи илмӣ бори дигар нишон медиҳад, ки донишгоҳ дар самти рушди илму маърифат ва тарбияи насли донишманду соҳибфарҳанг ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, мавқеи худро дар фазои илмии кишвар мустаҳкам менамояд.

# УСТОДИ ДДМИТ - МУҲАҚҚИҚИ БЕҲТАРИН



Санаи 18-уми апрели соли 2026 дар Муассисаи давлатии “Мактаби бачагонаи ба номи Одина Ҳошим” дар фазои идона ва пуршукуҳ чорабинии фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе доир гардид. Ин чорабинӣ бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аҳли илму фарҳанг, устодону донишҷӯён ва меҳмонони сершумор доир шуда, ба яке аз рӯйдодҳои муҳимми фарҳангиву илмии пойтахт табдил ёфт.

Боиси ифтихор аст, ки дар миёни ғолибон намояндаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ ҷойгоҳи намоёнро ишғол намуд. Аз ҷумла, стипендияи Раиси шаҳри Душанбе барои олимону муҳаққиқони ҷавон ва унвонҷӯёни муассисаҳои олии касбии ҳудуди пойтахт насиби Ҳамроев Мирсаид Исмоилович - муовини сардори раёсати илм ва инноватсия, устоди кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии ДДМИТ гардид. Дастоварди мазкур натиҷаи меҳнати пайваста, тадқиқоти амиқ ва саҳми назарраси ӯ дар рушди илми иқтисод ва фаъолияти инноватсионӣ арзёбӣ мегардад.

Зимни маросими тантанавӣ М. Ҳамроев бо шаҳодатномаи фахрӣ ва мукофотпулиҳо қадрдонӣ шуд. Мукофотҳо аз ҷониби муовини Раиси шаҳри Душанбе дар фазои пурифтихор ва бо эҳтироми хоса тақдим гардида, ҳамчун нишони эътирофи хизматҳои арзандаи ҷавонони соҳибистеъдод арзёбӣ шуданд.

Бояд зикр намуд, ки чунин ташаббусҳо дар замони муосир нақши муҳим дар баланд бардоштани сатҳи илмӣ, таҳкими неруи зеҳнии ҷомеа ва тарбияи мутахассисони баландихтисос мебозанд. Қадрдонии олимону муҳаққиқони ҷавон, бахусус дар сатҳи пойтахт, барои рушду густариши фаъолияти илмӣ ва татбиқи дастовардҳои нав дар иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ин муваффақият бори дигар нишон медиҳад, ки ҷавонони тоҷик дорои иқтидори баланди илмӣ буда, метавонанд дар рушди соҳаҳои гуногуни кишвар саҳми арзанда гузоранд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# ДОНИШҶӮИ ДДМИТ - ҶОИЗАДОРИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ




Дар доираи тантанаҳои идона бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе устодону кормандон ва донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимии пойтахт ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, бори дигар сатҳи баланди дониш, малака ва иқтидори илмии худро нишон доданд. Чорабинии идона, ки дар фазои тантанавӣ ва рӯҳияи баланди ватандӯстӣ баргузор гардид, саҳнаи муаррифии беҳтарин намояндагони илму маориф ва ҷавонони соҳибистеъдод буд.

Боиси ифтихору сарбаландист, ки дар миёни ғолибони озмунҳои бонуфузи шаҳрӣ намояндагони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ ҷойгоҳи арзандаро соҳиб шуданд. Аз ҷумла, Азимов Умедҷон Киромиддинович - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-26020202 - менеҷменти байналмилалии факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ барандаи Ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе барои муҳаққиқони ҷавон дар самти “Техника ва технология” гардид.

Ин дастоварди шоиста далели равшани заҳмати пайваста, кӯшишҳои илмӣ ва ҷаҳонбинии навгароёнаи Умедҷон ба ҳисоб рафта, ӯро ҳамчун яке аз ҷавонони болаёқат ва ояндадори кишвар муаррифӣ менамояд. Ӯ дар давраи таҳсил бо иштироки фаъолона дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, пешниҳоди идеяҳои инноватсионӣ ва иштироки мунтазам дар озмуну конфронсҳо миёни ҳамсолонаш фарқ мекунад. Маҳз чунин фаъолиятҳои пурсамар замина фароҳам оварданд, ки ӯ сазовори чунин ҷоизаи баланд гардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе яке аз мукофотҳои бонуфуз ба ҳисоб рафта, ҳамасола ба беҳтарин муҳаққиқону ихтироъкорони ҷавон барои саҳми назаррас дар рушди илм, техника ва технология тақдим карда мешавад. Дарёфти ин ҷоиза нишони эътирофи заҳмати тамоми ҳайати омӯзгорону кормандони муассиса низ мебошад.

Умедҷон имрӯз фахри донишгоҳ маҳсуб ёфта, дастовардҳои ӯ барои дигар донишҷӯён намунаи ибрат аст. Муваффақиятҳои ӯ нишон медиҳанд, ки ҷавонони тоҷик бо иродаи қавӣ ва донишҳои замонавӣ метавонанд дар рушди соҳаҳои муҳимми иқтисодиву технологӣ саҳми арзанда гузоранд.

Шарафёб гардидан ба чунин дастоварди маҳз дар доираи таҷлили Рӯзи пойтахт рамзи эътирофи талошҳои пайваста ва фаъолияти пурсамари ҷавонони соҳибистеъдод буда, идомаи мантиқии роҳе мебошад, ки онҳо дар самти илму маърифат интихоб намудаанд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**



# ДАСТОВАРДИ НАВБАТӢ ДАР САМТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Рӯзи 24-уми апрели соли равон дар толори бошукӯҳи Кохи Сурӯши шаҳри Душанбе маросими тантанавии ҷоизасупории ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии “Олими сол”, “Магистранти сол” ва “Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон” баргузор гардид. Чорабинии мазкур ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик бахшида шуда, бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, устодону олимон, муҳаққиқон ва донишҷӯёни фаъол сурат гирифт.




Боиси ифтихор аст, ки дар озмуни ҷумҳуриявии “Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон” донишҷӯи курси якуми факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Анис Хонназарзода бо пешниҳоди лоиҳаи ҷолиби «ASONA - Академия», таҳти роҳбарии ассистенти кафедраи низоми иттилоотӣ-инноватсионӣ дар иқтисодиёт Неъматуллои Мирзошо сазовори ҷойи сеюм гардид.

Донишҷӯи ғолибро дар донишгоҳ бо самимият ва эҳтироми хос истиқбол гирифтанд.

Роҳбарияти донишгоҳ, аз ҷумла муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов аз иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид кард, ки чунин муваффақиятҳо натиҷаи меҳнати пайваста ва роҳнамоии устодон мебошанд. Ин дастовард нишондиҳандаи рушди неруи зеҳнии ҷавонон ва самаранокии муҳити илмии донишгоҳ арзёбӣ гардид.

Саидакмал Мирсаидов ба ғолиб дар идомаи таҳсил, фаъолияти илмӣ ва иштирок дар озмуну олимпиадаҳои минбаъда барору комёбиҳо таманно намуд. Баргузории чунин озмунҳо ва дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод далели равшани таваҷҷуҳи давлат ба рушди илму маориф буда, барои ташаккули ҷомеаи донишбунёд ва рақобатпазир заминаи боэътимод фароҳам меорад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# ВОХӮРӢ ВА ҚАДРДОНИИ ДОВТАЛАБОНИ ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННӢ

Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вохӯрии судманд бо довталабони олимпиадаҳои фаннӣ доир гардид. Дар доираи ин чорабинӣ дастаи олимпии донишгоҳ барои иштирок дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар соли таҳсили 2025-2026 муаррифӣ ва қадрдонӣ гардида, ҳамзамон, ба иштирокчиён ва устодони роҳбари онҳо тавсияву таъкидҳои зарурӣ дода шуд.

Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов аз номи ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор иштирокчиён ва довталабонро табрик гуфта, бо масъулин ва роҳбарони даста мулоқот анҷом дод. Номбурда зимни суханронӣ таъкид намуд, ки дар сурати ба даст овардани ҷойҳои намоён, на танҳо донишҷӯён, балки устодону роҳбарони илмии онҳо низ аз ҷониби раёсати донишгоҳ қадрдонӣ карда мешаванд.




Зикр гардид, ки раёсати донишгоҳ ҷиҳати баланд бардоштани шавқу ҳаваси донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои муосир, ташаккули тафаккури илмӣ ва техникӣ, инчунин дарёфти ҷавонони лаёқатманд ва ҷалби онҳо ба фаъолияти илмӣ пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Ҳамасола донишҷӯёни донишгоҳ дар олимпиадаҳо ва озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд.

С. Мирсаидов, ҳамчунин, бо умедворӣ ва эътимоди қавӣ баён кард, ки омодасозии донишҷӯён ба чунин чорабиниҳои муҳими илмӣ ва ғолибият дар онҳо натиҷаи истифодаи самараноки тамоми имкониятҳои мавҷуда мебошад. Муваффақиятҳои бадастомада самараи меҳнати пайвастаи донишҷӯён ва роҳбарони илмии онҳо буда, аз завқу рағбати баланди онҳо ба илмомӯзӣ ва донишандӯзӣ шаҳодат медиҳад.

Дар идомаи вохӯрӣ таъкид гардид, ки иштироки донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар олимпиадаҳои дарпешистода ба таври шоиста ба роҳ монда шуда, умед аст онҳо бо натиҷаҳои назаррас баромад намуда, нуфузу эътибори донишгоҳро дар сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоранд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# ДДМИТ ВА РОҲИ ИЛМУ ИННОВАТСИЯ:

**Дар шароите ки ҷаҳони муосир бо суръати бесобиқа ба сӯи иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои замонавӣ ҳаракат мекунад, нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахусус донишгоҳҳои соҳавӣ беш аз ҳар вақти дигар муҳим гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин равандҳо дар канор нест. Дар ин замина, фаъолияти илмию инноватсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) ҳамчун яке аз марказҳои асосии омодасозии мутахассисони иқтисодӣ ва молиявӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад.**

**Дар зимн, сардори шуъбаи иттилоот ва нашрия Маҳмадалӣ Очилдиев бо муовини ректори ДДМИТ оид ба илм ва инноватсия Муқимов Қутбиддин Мирзоҷонович суҳбати ихтисосӣ анҷом дод, ки дар он масъалаҳои муҳими рушди илм, татбиқи инноватсия, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва нақши донишгоҳ дар пешрафти иқтисоди миллӣ баррасӣ гардиданд.**




**- Қутбиддин Мирзоҷонович мехостам суҳбатамонро аз як саволи умумӣ, вале муҳим оғоз кунем: имрӯз ДДМИТ худро дар харитаи илму инноватсияи кишвар чӣ гуна ҷой медиҳад?**

- Ташаккури зиёд! Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зодаи даврони Истиқлоли давлатӣ буда, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 1996, таҳти №315 «Дар бораи таъсис додани Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ дар шаҳри Душанбе» таъсис ёфта, сипас соли 2006 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон тағйири ном карда, соли 2012 дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муттаҳидсозӣ бо Донишкадаи молияи Тоҷикистон «Муассисаи таълимии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Бо назардошти дастовардҳои беназир дар самти таълиму тарбия ва боло рафтани мақом ва нақши муассиса дар низоми миллии омодакунии кадрҳои баландихтисос Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2018 ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон табдил дода шуд.

Тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору қонунҳои бунёдии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи паҳлуҳои ҷомеа рӯ ба пешравӣ оварда, Ватани соҳибистиқлоли мо ба майдони бунёдкориҳо табдил ёфтааст. Дар чунин марҳилаи созандагӣ ва тармими ҳаёти воқеии шаҳрвандони кишвари азизамон масъалаи мактабу маориф ва дар ин поя дастрасӣ ба технологияи пешрафти муосир, тибқи талаботи меъёрҳои стандарти байналмилалӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисос, огоҳии комил аз асрори кашфиёти илми ҷаҳонӣ ва дар ин замина, таъмин намудани рушди босуръати Ватани азизамон аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Дар Паёми худ санаи 16-уми декабри соли 2025 ба Маҷлиси олии мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати соҳаи илму маориф чунин қайд намуданд, ки: “Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва дав-



лат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Асри 21 – асри пешрафти илму техника ва технологияҳо мебошад. Мо дида истодаем, ки давлатҳои мутамаддину тараққикардаи дунё ба чӣ дастовардҳо ноил шуда истодаанд.”

**- Ба андешаи ман ҳадафи ҳар боргоҳи маърифат дар шароити кунунӣ бояд омода кардани мутахассиси на танҳо донанда, балки офарандаи дониш бошад. Акнун биёед, андаке дар масъалаи кадрҳо низ тамаркуз намоем. Оё донишҷӯёни имрӯз ба талаботи илми муосир ҷавобгӯ ҳастанд?**

- Донишгоҳ дар давраи начандон зиёди фаъолияти худ ба натиҷаҳои назаррас ноил шуда, тавассути меҳнати софдилонаи устодону кормандон ва дастовардҳои донишҷӯёну магистрон ба яке аз муассисаҳои пуриқтидори соҳавии таҳсилоти олии касбии кишвар мубаддал гардида, мувофиқи рейтинги соҳа ба чоргонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошад.

Донишгоҳ бо назардошти иқтидори кадрӣ ва илмию таълимӣ иштирокчии фаъоли низоми илму маориф буда, маркази муосири омодакунии кадрҳои баландихтисос ба ҳисоб меравад. Таъминоти мукаммали раванди таълим бо омӯзгорони касбӣ, маводи зарурӣ, инфрасохтори инкишофёфтаи таълимӣ, моддию техникӣ ва фароҳамсозии муҳити мусоид имконият медиҳанд, ки нуфузу эътибори донишгоҳ тақвият ёфта, дар ҳалли масъалаҳои мубрами соҳа мавқеи мустаҳкамро касб кунад.

Раёсати илм ва инноватсия барои пешрафти самти илми донишгоҳ тамоми кӯшишу имконотро сафарбар намуда, ҷиҳати таҳкими неруи зеҳнӣ, рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир фаъолияти пурбор дорад.

**- Пӯшида нест, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамчун як боргоҳи илму маърифати пешрафта барои тадқиқот ва инноватсия кӯшиш мекунад, то дар рушди илм ва технология нақши калидӣ дошта бошад. Лутфан, бигӯед, ки дар роҳи расидан ба ин ҳадаф кадом тадбирҳои муассир ва судмандро роҳандозӣ кардаанист?**

- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чун макони илму дониш ва маърифат дар самти омодасозии кадрҳои баландихтисос дар пешрафти самтҳои асосии молиявию иқтисодии мамлакат ҳиссагузорӣ менамояд. Дар донишгоҳ тамоми шароитҳои зарурӣ ҷиҳати илмомӯзӣ барои омӯзгорону донишҷӯён муҳайё буда, синфхонаҳо бо таҷҳизоти наву замонавӣ таъмин мебошанд.

Дар ин замина, мақоми илму инноватсия дар донишгоҳ ҷойгоҳи хосса дорад. Ҳайати профессорию омӯзгории донишгоҳ ба корҳои илмию тадқиқотӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, илмро ба истеҳсолот ва таҷриба алоқаманд месозанд. Ҳоло корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯи 14 самт, 14 муаммо ва 26 мавзуъ вобаста ба масъалаҳои иқтисод ва молия аз ҷониби ҳайати профессорию омӯзгории донишгоҳ ба роҳ монда шудааст.

**- Табиист, ки имрӯз илм набояд танҳо дар доираи аудиторияҳо маҳдуд шавад. Дар идомаи суоли боло. Донишгоҳ чӣ барномаҳо ва ташаббусҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсил ва илми маҳаллӣ роҳандозӣ намуда истодааст?**

- Донишгоҳ ташаббускори озмунҳои ҷумҳуриявӣ, аз қабили «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномасози беҳтарин» ва олимпиадаи “Маърифат ва амнияти молиявӣ” миёни донишҷӯёни МТОК буда, ҳамасола ин озмунҳоро дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор менамояд. Дар донишгоҳ аз моҳи октябри соли 2025 сар карда, маҳфили донишгоҳии донишҷӯёни ДДМИТ таҳти унвони “Дурахши илм” ва Шурои илмӣ-инноватсионӣ таҳти унвони “Навоварон” амал мекунанд, ки дар онҳо теъдоди зиёди донишҷӯён аъзо буда, пайваста бо маърузаҳои худ дар мавзуъҳои рӯзмарраи соҳаи иқтисоду молия баромад намуда, лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотии худро низ тариқи рӯнамо пешниҳод менамоянд. Беҳтарин лоиҳаҳо барои дар амал татбиқ намудан ба Парки технологии донишгоҳ пешниҳод мегарданд ва ё барои иштирок дар Озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» сафарбарӣ карда мешаванд.

**- Мусаллам аст, ки ДДМИТ дар замони имрӯза барои рушди тадқиқоти илмӣ ва амалӣ яке аз пойгоҳҳои устувори кишвар аст. Вақте ки дар бораи таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва назарҳои илмии муосир, махсусан дар соҳаҳои молия ва иқтисоди рақамӣ сухан меравад, аз назари Шумо, оё донишгоҳ қодир ҳаст, ки барои рушди иқтисод ва соҳаҳои илмии кишвар дар роҳи инноватсия ва муосирсозӣ заминагузорӣ кунад?**

- Дар замони муосир, ки пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва рақобатҳои илмӣ-техникӣ рӯз то рӯз бештар ба чашм мерасанд, бахши илму инноватсия ба яке аз сутунҳои асосии рушди кишварҳои олам табдил ёфтааст. Имрӯз дигар пешрафтро бе такя ба дониш, таҳқиқот ва илму инноватсия тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд, бо мавқеъгирии муайян ба рушди соҳаи илм ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Дар яке аз суханрониҳои хеш Роҳбари давлат чунин таъкид намуданд: «Мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем. Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд».

Раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ ҳамчун яке аз сохторҳои таркибӣ дар татбиқи корҳои илмӣ-тадқиқотии донишгоҳ нақши созгор ва фаъол дорад. Сохтори мазкур дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ фаъолият намуда, ҳамоҳангсозӣ, банақшагирӣ ва назорати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионии донишгоҳро таъмин мекунад ва чораёни омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, рушди фаъолияти илмии омӯзгорону донишҷӯён,

# АЗ НАЗАРИЯ ТО АМАЛ



ташкили конфронсу семинарҳо, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал, таҳлили фаъолияти илмӣ ва такмили сиёсати соҳа, инчунин, назорати иҷрои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ дар самти маориф ва илмро ба роҳ мемонад.

**- Мо огаҳем, ки ДДМИТ дар тадқиқоти илмӣ ва амалӣ як қатор лоиҳаҳои тозаро рӯйи даст гирифтаву дар садади амалӣ сохтани онҳост. Оё шумо метавонед бо мисолҳои мушаххас перомуни ин лоиҳаҳо, ки дар рушди инноватсия ва технологияи рақамӣ саҳмгузоранд, маълумоти бештар диҳед?**



- Фаъолияти раёсати илм ва инноватсияи донишгоҳ, дар маҷмуъ, ба татбиқи раванди иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотии донишгоҳ дар соҳаи илм бахшида шудааст. Кормандони раёсат фаъолияти хешро дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгириву роҳнамоиҳои роҳбарияти донишгоҳ ба роҳ монда, мекӯшанд, ки дар баробари иҷрои вазифаҳои ҷорӣ, заминаҳои устувори рушди илму инноватсияро барои солҳои минбаъда фароҳам оранд. Тавре Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: «Дар замони мо, яъне, давраи шиддати рӯзафзуни рақобату мухолифатҳо танҳо давлатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки миллати босаводу огоҳ, низоми пешрафтаи илмиву инноватсионӣ ва олимону наввоварони донишманд дошта бошанд».

Яке аз иқдомҳои муҳим ва мондагор дар рушди илмии кишвар баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» мебошад, ки бо ташаббуси бевосита ва тахти сарпарастии Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад. Озмуни мазкур имрӯз ба як падидаи ҷиддӣ ва муҳимму таъсиргузор дар фазои илмии кишвар табдил ёфтааст. Агар солҳои аввал онро бештар ҳамчун як чорабинии маърифатӣ қабул мекарданд, имрӯз он ба майдони воқеии рақобати зеҳнӣ ва кашфи истеъдодҳо мубаддал гардидааст.

Донишҷӯёни донишгоҳ ҳамасола дар ин озмун иштирок намуда, ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд. Масалан, соли 2025 донишҷӯи донишгоҳ Абдуназаров Дилшод аз рӯи номинатсияи география дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойи дуюм гардид, ки шарафи донишгоҳро дар байни дигар МТОК-и кишвар химоя намуд.

Дар сатҳи баланд баргузор шудани ин озмун ва бо ҳам омадани хонанда, донишҷӯ ва олим дар як фазои илмӣ худ як дастоварди бузург мебошад. Илова гардидани номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ низ ба рафти озмун бетаъсир намонд. Танҳо ҳамин тағйирот боис гардид, ки шумораи иштирокдорон нисбат ба соли пештар дар даври донишгоҳӣ зиёд гардидаистодааст. Ин нишондиҳанда гувоҳи возеҳи он аст, ки ҷавонон ба самти илмҳои муосир, махсусан, технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳи бештар пайдо кардаанд.

Соли ҷорӣ дар Озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» донишҷӯи донишгоҳ Холназарзода Анис иштирок намуда, сазовори ҷойи сеюм гардид. Қадрдонии ғолибони озмуни мазкур дар маросими бошукӯҳ ба муносибати Рӯзи илми тоҷик сурат гирифт.

**- Ба назар мерасад, ки ДДМИТ на танҳо ҳамчун як маркази таълимии миллӣ, балки ба ҳайси як хати илмии байналмилалӣ низ амал мекунад. Лутфан бигӯед, ки пойгоҳи илмиву инноватсионии донишгоҳ дар кадом сатҳ қарор дорад ва Шумо дурнамои рушди илмро дар Тоҷикистон чӣ гуна мебинед?**

- Сатҳи рушди илмии ҳар як донишгоҳ, пеш аз ҳама, аз фаъолияти олимон ва мавҷудияти кадрҳои баландихтисосу дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ вобаста мебошад.

Ҳоло дар донишгоҳ 21 нафар доктори илм, 138 нафар номзади илм ва 244 нафар муаллими калон ва ассистентон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошанд. Ҳамасола устодони донишгоҳ дар дохил ва берун аз донишгоҳ рисолаҳои илмии худро дар мавзӯъҳои рӯзмараи ҷомеа химоя намуда истодаанд, ки сафи олимони донишгоҳро ба ин васила бештар мегардонад.

Ҳамин ҳам ҳаст, ки роҳбарияти донишгоҳ бо дастгириҳои ҳамешагии худ ҷавонони болаёқатро ба фаъолиятҳои илмӣ боз ҳам бештар ҷалб менамояд.

Фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ низ дар донишгоҳ хуб ба роҳ монда шудааст. Бояд гуфт, ки айни замон ду Шурои диссертатсионӣ дар донишгоҳ амал мекунад. Соли ҷорӣ дар назди ДДМИТ Шурои диссертатсионии КОА 6D.КОА-108 оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D050607 - иқтисодиёти наклиёт ва 6D050612 - иқтисоди сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ, инчунин, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, доктори илм аз рӯйи ихтисосҳои 5.2.8. - иқтисодиёти наклиёт ва логистика, 5.2.15. - иқтисодиёти сабз ва истифодаи захираҳои табиӣ" таъсис ёфт, ки шаҳодатномаи он дар ҳайати 11 нафар докторону профессорон ба мӯҳлати 2 соли фаъолият тасдиқ шудааст.

Дар 4 моҳи соли 2026 9 нафар устодони донишгоҳ рисолаҳои илмии худро дар Шуроҳои диссертатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дифоъ намудаанд, аз ҷумла 1 нафар рисолаи докторӣ ва 8 нафари дигар рисолаи номзадӣ.



Дар донишгоҳ барои омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ шуъбаи алоҳида амал мекунад, ки дар магистрантон ва докторантони PhD ба таҳсил ва иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошанд. Ҷараёни таҳсил дар зинаҳои магистратура, докторантура ва татбиқи лоиҳаҳои илмӣ пайваста мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

**- Ба назар мерасад, ки донишгоҳ имкониятҳо ва заминаҳои хуби илмӣ барои рушд дар соҳаи молия ва иқтисоди рақамӣ муҳайё мекунад. Ба андешаи Шумо, рушди илм ва инноватсия дар оянда барои Тоҷикистон чӣ таъсир хоҳад дошт? Минбаъд чӣ гуна ин рушд ба таҳкими иқтисоди кишвар ва муваффақият дар минтақа ва ҷаҳон таъсир хоҳад кард?**

- Зиндагии имрӯзаро бе рушди илму инноватсия ва дастовардҳои рӯзафзуни он наметавон тасаввур кард, аз ин рӯ, нақши илм ва тафаккури илмӣ дар пешрафти кишвари азизамон басо назаррас аст. Тавре устоди илму ахлоқ Абдурахмони Ҷомӣ гуфтааст:

**Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,**
**Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.**

Бояд қайд кард, ки силсилаи конференсия, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва ҳамоишҳои сатҳи баланди илмӣ оид ба мавзуъҳои муҳим дар донишгоҳ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии донишгоҳ баргузор гардида истодаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию амалии муҳаққиқон, рушди тафаккури илмӣ, таҳкими иқтидори кадрӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ равона гардидаанд. Албатта, чунин чорабиниҳо ба муаррифии дастовардҳои нави илмӣ, мубодилаи таҷриба байни олимону муҳаққиқон ва баррасии роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа мусоидат менамоянд.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ҳафтаи сеюми моҳи апрел Рӯзи илми тоҷик ҷашн гирифта мешавад, ки ин рамзи эҳтиром ба дониш, заҳмати олимон ва ҷустуҷӯи пайвастаи тадқиқотҳои илмӣ аст.

ДДМИТ низ чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи илмии кишвар перомуни Рӯзи илми тоҷик як қатор конфаронсу мизҳои мудаввар, семинарҳову дигар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ ва омӯзишии сатҳи баланд баргузор намуд.

Ҳоло дида истодаем, ки бо татбиқи барномаҳои давлатӣ, рушди инфрасохтори илмӣ ва ҷалби бештари ҷавонон ба соҳаи илм дар кишвар ба марҳилаи нави пешрафту комёбиҳо ворид мегардад.

Аҳли илмро мебояд, дар баробари омӯхтану аз худ кардани илмҳои мухталиф ва ба ҷомеа муфид, ташвиқи атрофиён ба илму ҳунаромӯзӣ амал кардан аз рӯйи дониставу омӯхтаҳояшонро ҳадафи асли хеш қарор диҳанд.

# ҲАМОИШИ СИЁСӢ-ИДЕОЛОГИИ ҲАЙАТИ УСТОДОНУ ДОНИШҶӮЁН

**Дар асоси нақшаи чорабиниҳои муштараки раёсати ташкилию тарбиявӣ ва шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе давоми ду моҳи охир силсилаи чорабиниҳои сиёсӣ-идеологӣ бо усули «факултет ба факултет» ба роҳ монда шуда, ба таври мунтазам доир гардиданд. Мақсад аз баргузории чунин чорабиниҳо баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии донишҷӯён, таҳкими ҳисси масъулиятшиносӣ, пешгирии зуҳуроти номатлуб ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ арзёбӣ мегардад.**

Қисмати ҷамъбастии чорабиниҳои мазкур санаи 25 апрели соли 2026 дар толори фарҳангии донишгоҳ бо иштироки судяҳои Суди ноҳияи Сино Зуҳурзода Давлатмурод Боймурод, Раҳмон Далер Сафарбек, Баротзода Сухроб Таваккал, Ҳусайнзода Ҷомӣ Давлаталӣ, Умарзода Масрур Мансурҷон, Гулаҳмадзода Мавзуна Давлаталӣ ва мушовири суд Кенҷазода Обидҷон Ҳамро баргузор шуд.

Нахуст, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим С. Мирсаидов аҳамияти баргузории чунин мулоқотҳоро дар шароити муосир муҳим арзёбӣ карда, зикр намуд, ки ҳамкории зич миёни донишгоҳ ва мақомоти судӣ метавонад дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо нақши муассир гузорад.





Сипас, судя Раҳмон Далер Сафарбек ба масъалаҳои муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, зарурати донистан ва риояи қонунгузории амалкунанда, истифодаи оқилонаи шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин, омилҳои парокандашавии оилаҳои ҷавон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид кард, ки ҷавонон ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа бояд бо дарки баланди масъулият дар ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд саҳмгузор бошанд.

Дар идомаи чорабинӣ дигар судяҳо доир ба як қатор мавзуъҳои муҳим, аз ҷумла нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, пешгирии амалҳои ифротгароӣ ва терроризм, роҳҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ, муқовимат ба коррупсия, мубориза бар зидди савдои одамон, пешгирии нашъамандӣ, риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», татбиқи Консепсияи миллии тарбия, фаҳмонидани моҳият ва ҳадафҳои Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин маърузаҳои муфассал намуданд.

Қайд гардид, ки татбиқи самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, омили калидии пешгирии ҷинояткорӣ ва таъмини суботу амният дар ҷомеа мебошад.

Дар қисмати саволу ҷавоб устодону донишҷӯён фаъолона иштирок намуда, ба суолҳои худ посуххои мушаххас гирифтанд. Аз ҷумла, устоди донишгоҳ Ҳусейн Носирзода бо саволҳои муҳими худ вобаста ба масъалаҳои мубрами ҷомеа баромад намуд.

Дар фарҷоми чорабинӣ сардори раёсати ташкилию тарбиявӣ Сиёвуш Ҳабибов ба намояндагони Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе барои ҳамкории судманд ва баргузор намудани дарсҳои сиёсӣ-тарбиявӣ бо донишҷӯён изҳори сипос намуд. Зикр гардид, ки чунин иқдомҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии ҷавонон, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ ва пешгирии зуҳуроти номатлуб нақши муҳим доранд ва минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.

**Сиёвуш ҲАБИБОВ,**
**сардори раёсати ташкилию тарбиявӣ**

# ТАЪСИРИ ТЕРРОРИЗМ БА ИҶТИМОИЁТУ ИҚТИСОДИЁТ

**Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, терроризм ба яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтааст. Терроризм танҳо зуҳуроти ҷиноятӣ нест, балки амали мураккаби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки метавонад ба суботи давлатҳо, рушди ҷомеа ва некӯаҳволии аҳолӣ таъсири манфӣ расонад. Он бо истифода аз зӯроварӣ, тарсу ҳарос ва таҳдиди аҳолии осоишта кӯшиш менамояд, ки ба қарорҳои сиёсӣ, равандҳои иҷтимоӣ ва самтҳои иқтисодӣ таъсир гузорад.**

Дар асри XXI терроризм шаклҳои навро соҳиб гардид. Агар пештар он бештар хусусияти маҳаллӣ дошт, имрӯз тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, маблағгузории фаромиллӣ ва гурӯҳҳои пинҳонӣ ба хатари глобалӣ мубаддал шудааст. Ҳодисаҳои террористӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон нишон медиҳанд, ки ягон давлат аз ин таҳдид пурра эмин нест. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири терроризм ба сиёсат, иҷтимоиёт ва иқтисодиёти давлат аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Терроризм метавонад ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расонад. Давлатҳо барои мубориза бо он иттиҳодияҳои нав ташкил мекунанд, созишномаҳои амниятӣ мебанданд ва мубодилаи иттилоотро тақвият медиҳанд. Дар баробари ин, баъзан баъзе давлатҳо якдигарро ба дастгирии гурӯҳҳои террористӣ муттаҳам намуда, муносибатҳои сиёсиро мураккаб месозанд.

Терроризм, пеш аз ҳама, ба инсон ва ҷомеа зарба мезанад. Талафоти ҷонӣ, маъюбшавӣ, осеби равонӣ ва тарсу ваҳм аз натиҷаҳои асосии он мебошанд. Ҳатто агар ҳамлаи террористӣ як маротиба рух диҳад, таъсири иҷтимоии он метавонад солҳои зиёд боқӣ монад.

Яке аз оқибатҳои муҳими иҷтимоӣ паст шудани ҳисси амнияти шаҳрвандон мебошад. Вақте мардум худро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, нақлиёт, бозор, муассисаҳои таълимӣ ё марказҳои фарҳангӣ бехатар ҳис намекунанд, сатҳи зиндагии иҷтимоӣ коҳиш меёбад. Одамон камтар дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд ва ин боиси коҳиши фаъолнокии иҷтимоӣ мегардад.

Терроризм, инчунин, метавонад ба муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ таъсир расонад. Ин ҳолат метавонад ба табъиз, ҷудоӣ ва ихтилофоти дохилӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, терроризм на танҳо амният, балки ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии ҷомеаро низ заиф месозад.

Ҷавонон яке аз гурӯҳҳои осебпазир мебошанд. Гурӯҳҳои террористӣ аксаран кӯшиш мекунанд ҷавонони бекор, камтаҷриба ё аз ҷиҳати маънавӣ осебпазирро ҷалб намоянд. Аз ин лиҳоз, мубориза бо терроризм танҳо бо усулҳои низомӣ маҳдуд нашуда, бояд сиёсати иҷтимоӣ, маориф ва тарбияи шаҳрвандиро низ дар бар гирад.

Зарари иқтисодии терроризм бисёрҷанба ва дарозмуддат мебошад.

Якум, ҳамлаҳои террористӣ ба инфрасохтор зарар мерасонанд: роҳҳо, пулҳо, корхонаҳо, шабакаҳои энергетикӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва дигар объектҳо метавонанд хароб шаванд. Барқарорсозии онҳо маблағҳои бузург талаб мекунад.

Дуюм, терроризм ба муҳити сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ бештар ба кишварҳое маблағ мегузоранд, ки суботи сиёсӣ ва амнияти баланд доранд. Агар хавфи терроризм зиёд бошад, сармоя ба кишварҳои дигар равона мегардад. Ин боиси коҳиши истеҳсолот, бекорӣ ва сустшавии рушди иқтисодӣ мешавад.



Сеюм, бахши сайёҳӣ аз ҳама бештар зарар мебинад. Дар бисёр давлатҳо сайёҳӣ манбаи муҳими даромад аст. Аммо баъди ҳодисаҳои террористӣ шумораи сайёҳон кам мешавад, меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои нақлиётӣ зарар мебинанд, хизматрасонӣ коҳиш меёбад.

Чорум, давлат маҷбур мешавад қисми зиёди буҷетро барои амният, артиш, полис, назорати сарҳадҳо ва хизматрасониҳои махсус равона созад. Гарчанде ин хароҷот зарур аст, аммо метавонад маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм ва рушди иҷтимоиро маҳдуд созад.

Панҷум, терроризм метавонад бозорҳои молиявиро ноором кунад. Дар баъзе ҳолатҳо баъди ҳодисаҳои бузург қурби асъор паст мешавад, бозори саҳомӣ коҳиш меёбад ва сатҳи эътимоди соҳибкорон кам мешавад.

Барои кам намудани таъсири терроризм сиёсати мукаммал зарур аст. Аввалан, тақвияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубодилаи байналмилалии иттилоот ва назорати сарҳадҳо аҳамияти калон дорад.

Сониян, сиёсати иҷтимоӣ бояд ба коҳиши бекорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ равона гардад, зеро муҳити ноустувори иҷтимоӣ метавонад заминаи ифротгароӣ гардад.

Ва ахиран, рушди маориф ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ муҳим аст. Ҷавонон бояд дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми қонун ва арзишҳои инсондӯстона тарбия ёбанд. Чорум, назорати молиявӣ бояд пурзӯр карда шавад, то манбаъҳои маблағгузории терроризм қатъ гарданд. Панҷум, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ бояд барои муқовимат ба таблиғоти ифротӣ самаранок истифода шаванд.

Ҳамин тавр, терроризм ба сиёсат, иҷтимоиёт ва иқтисодиёти давлат таъсири амиқ ва бисёрҷанба мерасонад. Он суботи сиёсиро халалдор намуда, эътимоди мардумро коҳиш медиҳад, ҷомеаро ба тарсу нобоварӣ гирифтор месозад ва ба рушди иқтисодӣ монеа эҷод мекунад. Терроризм танҳо мушкили амниятӣ нест, балки масъалаи стратегии рушди давлат мебошад.

Мубориза бар зидди терроризм бояд ҳамаҷониба бошад: аз тадбирҳои қудратӣ то ислоҳоти иҷтимоӣ, аз назорати молиявӣ то тарбияи маънавии ҷомеа. Танҳо дар сурати ҳамкории давлат, ҷомеа ва ҷомеаи байналмилалӣ метавон таъсири манфии терроризмро коҳиш дода, субот ва рушди устувори давлатро таъмин намуд.

**Исматулло ҶУМАЕВ,**
**эдвайзери тарбияи факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ**

# ДДМИТ - 30 СОЛИ РУШД, МУВАФФАҚИЯТ, ИФТИХОР ВА САДОҚАТ!

Дар таърихи ҳар як муассисаи таълимӣ санаҳои муҳим вуҷуд доранд, ки на танҳо нишони гузаштаи пуршараф, балки заминаи устувор баҳри ояндаи дурахшон мебошанд. Имрӯз бо ҳисси ифтихори баланд мехоҳам аз як макони барои ман азиз сухан гӯям - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки ба 30-солагии фаъолияти пуршарафи худ расидааст, марҳалае, ки таҷриба, дастовард ва рушди устуворро таҷассум мекунад.

Бояд ёдовар шуд, ки донишгоҳ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, рисолати асосии худро дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои молия, иқтисод, андозбандӣ ва идоракунӣ муайян намуд. Дар давоми се даҳсола ин муассиса аз як маркази таълимии навбунёд ба донишгоҳи бонуфузи кишвар табдил ёфт. Бо талошҳои роҳбарият ва ҳайати профессорону омӯзгорон заминаи моддию техникӣ пайваста такмил ёфта, барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба талаботи замон ва бозори меҳнат таҷдид гардиданд. Имрӯз донишгоҳ дорои инфрасохтори муосир, синфхонаҳои таҷҳизонидашуда ва марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз дастовардҳои муҳими донишгоҳ баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Дар ин раванд ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим, истифодаи усулҳои интерактивӣ ва ҷалби мутахассисони варзида нақши муҳим доранд. Ҳайати омӯзгорони донишгоҳ аз олимони шинохта, докторону номзадҳои илм иборат буда, онҳо дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ машғуланд. Ин омил имкон медиҳад, ки донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ, балки таҷрибаи амалӣ низ ба даст оранд.

Воқеан ҳам, тӯли 30 сол донишгоҳ ба як маркази муҳими илмӣ табдил ёфтааст. Дар назди он шӯроҳои дифои рисолаҳои илмӣ фаъолият мекунанд ва ҳамасола даҳҳо корҳои илмӣ ҳимоя мегарданд. Олимони донишгоҳ дар таҳияи сиёсати иқтисодӣ, такмили низоми андозбандӣ ва рушди молияи давлатӣ саҳми арзанда мегузоранд. Инчунин, нашри маҷаллаҳои илмӣ, баргузории конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ аз ҷумлаи дастовардҳои назаррас ба шумор мераванд.

Яке аз самтҳои муҳими рушди донишгоҳ густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Донишгоҳ бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Русия, Қазоқистон, Узбекистон, Чин ва кишварҳои аврупоӣ робитаҳои устувор барқарор намудааст. Дар доираи ин ҳамкориҳо барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва омӯзгорон, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам амалӣ мегарданд. Ин раванд ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии хатмкунандагон мусоидат мекунад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки хатмкунандагони донишгоҳ имрӯз дар сохторҳои муҳими давлатӣ, бонкҳо, ширкатҳои хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолият доранд. Онҳо ҳамчун мутахассисони варзида дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас мегузоранд. Донишгоҳ ҳамеша кӯшиш менамояд, ки барномаҳои таълимии худро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ созад ва мутахассисоне омода намояд, ки дар шароити иқтисодиёти муосир рақобатпазир бошанд.

**Маврид ба ёдоварист, ки давоми фаъолияти худ донишгоҳ ба дастовардҳои зиёде ноил гардидааст. Аз ҷумла:**

*- баланд гардидани сатҳи касбии омӯзгорон;*

*- афзоиши шумораи донишҷӯён;*

*- ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии нав;*

*- иштироки фаъол дар рейтингҳои миллӣ ва байналмилалӣ;*

*- таҳкими нуфузи донишгоҳ дар ҷомеа.*

Воқеан ҳам, 30 сол барои донишгоҳ марҳалаи муҳим аст, вале ин танҳо оғози роҳи рушд мебошад. Бо назардошти таҷрибаи андӯхта ва имкониятҳои мавҷуда, донишгоҳ дар оянда низ метавонад ба яке аз марказҳои пешсафи таълимӣ ва илмии минтақа табдил ёбад. Роҳбарият ва ҳайати омӯзгорон ният доранд, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, густариши таҳсилоти фосилавӣ ва таҳкими



ҳамкориҳои байналмилалӣ фаъолияти худро боз ҳам такмил диҳанд.

Ҳаминро бояд қайд намоям, ки ин донишгоҳ макони орзуҳост, макони ташаккули шахсиятҳо, макони парвариши мутахассисоне, ки имрӯзу фардо дар рушди иқтисоди Ватан саҳми арзанда мегузоранд. Ман бо ифтихор мегӯям, ки чунин як даргоҳи илму маърифат дар кишвари мо фаъолият дорад. Зеро тӯли ин солҳо он ҳазорон ҷавонро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намуда, онҳоро ба мутахассисони соҳибкасб табдил додааст. Ин ҷо дониш ба арзиш табдил меёбад, орзуҳо ба ҳадаф мерасанд ва ҷавонон ба оянда бо бовар қадам мегузоранд.

Аслан, ДДМИТ барои ман макони аст, ки роҳи зиндагиямро дигаргун сохт. Инчунин, ин даргоҳи муътабар бароям як мактаби зиндагӣ, макони орзуву ормон ва сарчашмаи илҳоми бепоён аст. Соли 2014 вақте ба ин даргоҳи муқаддаси илм дохил шудам, хурсандиям ҳадду канор надошт. Бо диле пур аз умед ва нияти нек қадам ба остонаи донишгоҳ гузоштам. Маҳз ҳамин муассиса буд, ки дарҳои комёбиро ба рӯям боз кард ва маро ба сӯи ояндаи дурахшон раҳнамун сохт. Дар ин ҷо ман на танҳо ихтисос омӯхтам, балки дӯстони содиқ пайдо кардам, аз устодони ботаҷриба сабақ гирифтам ва арзиши заҳмату талошро дарк намудам. Ҳар як рӯзи донишҷӯӣ барои ман хотираи ширин ва фаромӯшнашаванда аст.

Маврид ба ёдоварист, ки баъди хатми донишгоҳ бахти баланд насибам гашт, ки фаъолияти меҳнатии худро низ дар ҳамин ҷо оғоз бахшам. Дар зинаҳои гуногун кор карда, таҷриба андӯхтам, рушд кардам ва худро дар муҳити илмӣ такмил додам. Имрӯз бо ифтихор вазифаи сардори яке аз раёсатҳои муҳими донишгоҳ - соҳаи илм ва инноватсияро бар уҳда дорам. Маҳз ҳамин даргоҳи илму маърифат буд, ки маро ба роҳи илм ҳидоят намуд. Дар ин муддат, тавонистам рисолаи илмии худро ҳимоя намоям, ки яке аз дастовардҳои муҳим дар зиндагии ман ба шумор меравад. Ҳамаи ин комёбиҳо самараи заҳмати устодони гиромӣ, муҳити солими илмӣ ва дастгирии пайвастаи донишгоҳ мебошанд.

Хулоса, 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон на танҳо ҷашни як муассиса, балки ҷашни илм, дониш ва маърифат мебошад. Ин донишгоҳ дар тарбияи насли нав, рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ нақши муҳим мебозад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки донишгоҳ дар солҳои оянда низ бо дастовардҳои наву назаррас ҷомеаро шод хоҳад кард ва ҳамчун як маркази пешсафи илм ва таълим мавқеи худро боз ҳам устувор мегардонад.

Аз тамоми омӯзгорон, олимон ва роҳбароне, ки бо заҳмати содиқонаашон ин боргоҳи илмро ба чунин сатҳи баланд расониданд, миннатдорам. Бовар дорам, ки дар пеш роҳи боз ҳам дурахшон, дастовардҳои бузург ва комёбиҳои нав дар интизори ин донишгоҳ мебошад.

Бо эҳсоси баланди ифтихор ва сипоси беандоза 30-солагии донишгоҳро самимона табрик мегӯям. Орзумандам, ки ин даргоҳи муқаддаси илм минбаъд низ рушд ёфта, барои наслҳои оянда чароғи роҳнамо ва манбаи илму дониш боқӣ монад, барои наслҳои оянда низ роҳи комёбиҳоро боз намояд.

**Ҷовидон ХАЛИФАЗОДА,**
**сардори раёсати илм ва инноватсия,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**

**Дар раванди рушди босуръати ҷомеа, иқтисод ва технология масъалаи идоракунӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Ҷаҳони муосир бо тағйироти доимӣ, рақобати баланд, рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ фарқ мекунад. Дар чунин раванд муассисаҳо бояд низоми самараноки идоракуниро истифода баранд, то ки фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гарданд.**

# ДДМИТ: НАВГОНИҲО ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ МУОСИРИ ФАЪОЛИЯТ

Низоми идоракунӣ дар раванди муосир маҷмуи усулҳо, принсипҳо ва механизмҳоест, ки барои танзим, роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти кормандон дар муассиса истифода мешавад. Яъне, ин маҷмуи унсурҳо, сохторҳо ва равандҳо мебошад, ки тавассути онҳо фаъолияти муассиса ба роҳ монда мешавад. Он муносибати байни роҳбар ва кормандро муайян намуда, барои иҷрои самаранокии вазифаҳо шароит фароҳам меорад. Дар раванди муосир идоракунӣ танҳо бо фармондиҳӣ маҳдуд намешавад, балки бештар ба ҳамкорӣ, банақшагирии стратегӣ ва истифодаи технологияҳои муосир такя мекунад.

Унсурҳои асосии низоми идоракунӣ ин: ҳадаф, вазифаҳо, сохтори муассиса, усулҳои идоракунӣ ва воситаҳои назорат ба ҳисоб мераванд. Ҳамаи ин унсурҳо бо ҳамдигар алоқаманд буда, фаъолияти муназзами муассисаро таъмин мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини идоракунии муосир дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Имрӯз дар донишгоҳ аз системаҳои компютерӣ, барномаҳои идоракунӣ ва базаҳои маълумот пурра истифода мебарад, ки қарорҳо зудтар ва дақиқтар қабул карда мешаванд.

Хусусияти дигари идоракунии раванди муосир дар донишгоҳ ин банақшагирии стратегӣ мебошад. Роҳбарияти донишгоҳ барои рушди дарозмуддати донишгоҳ дар асоси таҳлили вазъияти молиявии донишгоҳ, имкониятҳо ва хатарҳои эҳтимолӣ нақша тартиб дода шудааст. Захираҳои молиявӣ, инсонӣ ва техникӣ ба таври оқилона истифода бурда шуда, баҳри баланд шудани самаранокии фаъолияти донишгоҳ мусоидат карда истодааст.

Ҳамчунин, дар идоракунии раванди муосир ба кормандону омӯзгорон диққати махсус дода мешавад. Омӯзгорон ҳамчун сармояи асосии донишгоҳ ба ҳисоб рафта, шароити хуби корӣ, имкониятҳои рушд, ҳавасмандкунӣ, вазъи ҳуқуқӣ, шаъну шараф, таъминоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дахлнопазирии фаъолияти касбии омӯзгор дар маркази диққати роҳбарияти донишгоҳ қарор дорад.

Бояд тазаккур дод, ки роҳбарияти донишгоҳ ҷиҳати сари вақт бартараф намудани камбудиҳо дар раванди фаъолият функсияи идоракунии назоратро истифода мебарад. Назорат дар асоси гузаронидани ҷаласаҳои ғайринавбатии роҳбари донишгоҳ сурат мегирад. Функсияи мазкур имкон медиҳад, ки раванди иҷрои вазифаҳо санҷида шуда, камбудиҳо сари вақт ислоҳ карда шаванд. Чунин функсияи идоракунӣ хислати стратегӣ дошта, барои ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас бамаврид, одӣ ва камхарҷ дар донишгоҳ равона карда шудааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти донишгоҳ ин сатҳи маълумотнокии донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо роҳбарияти донишгоҳ баҳри баланд бардоштани савияи азхудкунии дониши донишҷӯён ҳамаи чораҳои заруриро андешида истодааст. Дигаргуниҳое, ки имрӯз дар ин самт ба назар мерасанд, ин ташкил ва баргузории озмунҳои дохилидонишгоҳӣ ва озмунҳои байни МТОК, маҳфили илмӣ, Шурои илмии инноватсионӣ, кушода ба истифода додани толори махсус барои пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои магистрантон ба ҳисоб меравад.



Ин иқдоми беназири роҳбарияти донишгоҳ ҷиҳати тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, рушди қобилияти эҷодӣ, рушди захираи инсонӣ, дарёфти навқаламони ҷавон, чеҳраҳои сухандон дар байни донишҷӯёну магистрантон ба шумор меравад.

Инчунин, ҷиҳати пайваст намудани донишҳои назариявӣ бо донишҳои амалии донишҷӯён дар донишгоҳ синфхонаҳои методӣ, аз қабили бонки таълимӣ, иқтисоди рақамӣ, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи иқтисодӣ кушода, мавриди истифода қарор дода шудааст. Дигаргунии мазкур ба донишҷӯёну магистрантон имкон медиҳад, ки донишҳои андӯхтаааашонро дар истеҳсолот истифода бурда тавонанд.

Толорҳои барҳаво ҷиҳати аз бар намудани донишҳои назариявӣ бо истифода аз техникаву технологияи муосир, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои китобхонаи илмии замонавӣ, ҷалби омӯзгорони дорои унвони илмидошта ба таълим, назорати доимӣ ҷиҳати шавқовар ва дар сатҳи баланди илмиву эҷодӣ гузаронидани дарс аз ҷониби омӯзгорон аз зумраи навгониҳое мебошанд, ки ба самти таълим таалluқ доранд.

Илова бар ин, ба таври ройгон ташкил ва баргузор намудани дарсҳои хориҷию русӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа аз хориҷи кишвар барои донишҷӯёну омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар самти бозомӯзии забонҳои хориҷию русӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, низоми идоракунӣ дар раванди муосир дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон на танҳо баҳри танзими фаъолияти донишгоҳ, балки ба рушди устувор ва рақобатпазирии он мусоидат намуда истодааст.

Истифодаи технологияҳои муосир, банақшагирии стратегӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва назорати самаранок аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки баҳри баланд бардоштани самаранокии донишгоҳ, мутобиқшавӣ ба рақобати ҷаҳонӣ, беҳтар шудани сифати қарорҳо ва рушди устувори донишгоҳ мусоидат намуда истодааст.

Хулоса, ҳадафи асосии ҷорӣ намудани дигаргуниҳои мазкур дар равнади фаъолият дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ин баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёну магистрантон, ташаккули малакаҳои касбӣ ва омода намудани онҳо барои рақобат дар бозори меҳнат ба шумор меравад.

**Азизулло ИСМАТУЛЛОЗОДА,**
**директори китобхонаи илмӣ**

# ҚАДАМИ НАВ ДАР РУШДИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

*Рӯзи 25 апрели соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ибтикори факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои назариявӣ-амалии татбиқи зеҳни сунъӣ дар бахшҳои алоҳида» бо иштироки васеи олимон, муҳаққиқон, устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, донишҷӯён ва мутахассисони соҳа доир гардид.*



Дар оғози чорабинӣ дастовардҳои илмӣ-тадқиқотии устодони факултет, китобҳои тозанашр ва маводи илмӣ-таълимӣ ба маърази тамошо гузошта шуданд, ки таваҷҷуҳи иштирокдоронро ба худ ҷалб намуд. Ин намоиш ҳамчун рамзи рушди фаъолияти илмӣ ва таҳкими иқтидори зеҳнии донишгоҳ арзёбӣ гардид.

Зимни ифтитоҳи конференсия муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДМИТ Қутбиддин Муқимов таъкид дошт, ки баргузории чунин ҳамоишҳо дар заминаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ амалӣ мегарданд. Ин конференсия дар доираи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020-2040)», «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (2025-2030)» ва ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Ҳадафи асосии чорабинӣ таҳлилу баррасии масъалаҳои истифодаи зеҳни сунъӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Сипас, Некрӯз Муминзода, сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни баромади худ қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати устувор ва пайгиронаро дар самти гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд амалӣ менамояд. Ин раванд дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, барномаҳои миёнамуҳлати давлатӣ амалӣ шуда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва инфрасохтори иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Зеҳни сунъӣ дар таҳлил ва пешгӯии равандҳои иқтисодӣ нақши муҳим бозида, имкон медиҳад, ки қарорҳо дақиқ ва асоснок қабул шаванд.

Дар идомаи чорабинӣ Шамсзода Илёс Сафар, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҳолатҳои кунунӣ ва муаммоҳои иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуда, самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро шарҳ дод. Дар ин замина, ифтитоҳи Парки технологии иттилоотӣ дар шаҳри Душанбе ҳамчун қадами муҳим дар рушди иқтисоди рақамӣ арзёбӣ гардид.

Қайд шуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ қатъномаи СММ-ро оид ба нақши зеҳни сунъӣ дар рушди устувор, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон қабул гардид, хуш пазируфт. Дар Душанбе таъсиси Маркази зеҳни сунъии Осиёи Марказӣ дар назар аст, ки аллакай зиёда аз 750 мутахассиси ҷавон дар ин самт омода гардидаанд.



Дар Тоҷикистон зиёда аз 10 ихтисоси зеҳни сунъӣ дар мактабҳои олӣ фаъолият дошта, дар 100 мактаби миёна низ омӯзиши зеҳни сунъӣ оғоз шудааст.

Бо ҷорӣ гардидани портали ягонаи давлатӣ e-Hukumat.tj беш аз 65 мақомоти давлатӣ ба низоми рақамӣ пайваст гардиданд, ки ин қадами муҳим дар коҳиши коғазбозӣ ва баланд бардоштани шаффофият мебошад.

Дар идома олимон ва коршиносон аз кишварҳои гуногун, аз ҷумла Русия ва Узбекистон, инчунин, намояндагони вазорату идораҳо дар мавзуъҳои иқтисоди сабз, рақамикунонии нақлиёт, тиҷорати электронӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар экология маърӯзаҳо пешниҳод намуданд. Аз ҷумла, Станислав Михайлович Газул, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини декани факултети иқтисод, молия ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санкт-Петербург (Русия) дар мавзуи «Хидматҳо ва абзорҳо бо истифода аз усулҳои зеҳни сунъӣ барои омӯзгорон ва тадқиқотчиён: таҷриба ва ахлоқи истифода» аз ҷониби Наталия Сергеевна ва Александр Дмитриевич, устодони Донишгоҳи молияи назди Ҳукумати Федератсияи Русия (Филиали Урал) дар мавзуи «Татбиқи усулҳои зеҳни сунъӣ дар идоракунии ҷалби мизоҷон дар бахши телекоммуникатсия», Муҳаммад Худойбердиев, доктори илмҳои иқтисодии Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнави Ҷумҳурии Узбекистон дар мавзуи «Асосҳои иқтисоди сабз ва идоракунӣ», Латофат Саломова, намояндаи Вазорати нақлиёт дар мавзуи “Рақамикунонии соҳаи нақлиёт ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии хизматрасонӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт” ва Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат, н.и.и., дотсенти кафедраи низоми иттилоотӣ-инноватсионӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ дар мавзуи “Омилҳои таъсиррасон ба рушди тиҷорати электронӣ” ба тариқи ҳузуриву маҷозӣ маърӯза намуданд.

Масъалаҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёт, мушкилот ва дурнамои рушди иқтисоди рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, таҳлили маълумоти васеъ бо усулҳои муосири математикӣ ва рушди технологияҳои рақамии молиявӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ дар самти рушди технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ зоҳир карда шуд. Иштирокдорон имкониятҳои рақамикунонии соҳаи нақлиёт, истифодаи зеҳни сунъӣ дар назорат ва ҳифзи пиряхҳо дар шароити тағйирёбии иқлим, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи табиатшиносӣ ва экология, инчунин, баланд бардоштани бехатарии роҳҳо тавассути технологияҳои муосирро мавриди таҳлил қарор доданд.

Дар ҷараёни конференсия маърӯзаҳои илмии пурмуҳтаво пешниҳод гардида, муҳокимаҳои судманд ва мубодилаи таҷриба байни иштирокдорон сурат гирифт. Татбиқи васеи зеҳни сунъӣ метавонад ба рушди устувори иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо мусоидат намояд.

Дар анҷоми чорабинӣ иштирокдорон пешниҳод ва тавсияҳои худро ҷиҳати рушди минбаъдаи истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар бахшҳои гуногун ифроз дошта, аҳамияти чунин ҳамоишҳои илмиро барои тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди илм таъкид намуданд.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

# АУДИТИ БЕРУНА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ



25-уми апрели соли равон бо ташаббуси кафедраи аудит ва ревизияи факултети ҳисобдорӣ ва омор бахшида ба 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар таҳти унвони “Методикаи гузаронидани аудити берунаи мустақили давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ” доир гардид.

Нахуст, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Парвиз Ғафуров ифроз намуд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ такмил ва рушди методикаи аудити давлатӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд. Методикаи аудити беруна дар муҳити рақамӣ аз усулҳои анъанавӣ фарқ дошта, бо назардошти афзоиши ҳаҷми додаҳо, автоматизатсияи равандҳо ва пайдоиши хавфҳои нави киберӣ татбиқ мегардад.

Абдураҳмон Соҳибназаров, аудитори ҶДММ “Кроу Хорват-ЭЙСИҶИЙ” дар мавзуи “Методикаи гузаронидани аудити беруна дар шароити иқтисоди рақамӣ” баромад карда, ифроз намуд, ки методикаи аудити беруна дар шароити иқтисоди рақамӣ аз усулҳои анъанавӣ ба таври назаррас фарқ мекунад, зеро фаъолияти ташкилотҳо имрӯз бештар ба технологияҳои иттилоотӣ, системаҳои худкор ва коркарди ҳаҷми зиёди додаҳо такя мекунад.

Дар чунин муҳит аудитор бояд аввал марҳилаи банақшагириро бо таҳлили амиқи фаъолияти рақамии ташкилот оғоз намояд. Ӯ на танҳо соҳаи молиявиро меомӯзад, балки инчунин, инфрасохтори IT, платформаҳои истифодашаванда ва сатҳи вобастагии ташкилот аз технологияҳои рақамиро таҳлил мекунад. Ин раванд ба муайянсозии дақиқи хавфҳо ва арзёбии самаранокии назоратҳо мусоидат менамояд.



Раҷабалӣ Саидов, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи ДДМИТ дар мавзуи “Методикаи гузаронидани аудити берунаи мустақили давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ” баромади пурмуҳтаво намуда, таъкид кард, ки методикаи аудити берунаи давлатии муосир низоми мукаммал ва мутобиқ ба технологияҳои нав мебошад, ки ҳадафи он таъмини шаффофият, самаранокӣ ва қонунмандии истифодаи маблағҳои давлатӣ дар муҳити рақамӣ аст.

Дар чунин шароит фаъолияти мақомоти давлатӣ ба системаҳои иттилоотӣ ва платформаҳои электронӣ вобаста мебошад, аз ин рӯ равандҳои аудит низ бояд ба ин тағйирот мутобиқ гарданд. Ӯ махсусан аҳамияти таҳлили додаҳоро ҳамчун унсури асосии аудит таъкид намуд, ки бо истифода аз алгоритмҳои автоматикӣ ва унсурҳои зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, то аномалияҳо ва равандҳои ғайримуқаррарӣ муайян карда шаванд.

Дар музокира декани факултети ҳисобдорӣ ва омор, н.и.и., дотсент Ёрибек Тилабов ифроз дошт, ки дар марҳилаи ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ истифодаи технологияҳои муосир нақши муҳим мебозанд.




Бо истифода аз воситаҳои таҳлили додаҳо ва барномаҳои махсус аудитор метавонад ҳаҷми зиёди иттилоотро зуд ва дақиқ коркард намояд. Санҷиши трансаксияҳои электронӣ ва муқоисаи онҳо бо стандартҳои муқарраргардида имкони ошкор намудани хатоҳо ва ҳолатҳои шубҳанокро фароҳам меорад.

Сипас, мудири кафедраи аудит ва ревизия, дотсент Амирхон Баротов дар музокира қайд намуд, ки методикаи аудити берунаи давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ равиши муосир ва бисёрсамта мебошад, ки ҳам донишҳои классикии аудит ва ҳам малакаҳои технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд. Ин раванд барои таъмини шаффофият ва самаранокии идоракунии захираҳои давлатӣ дар шароити рақамисозии иқтисод аҳамияти калидӣ дорад.

Дар ҷамъбасти мизи мудаввар саволу ҷавоб ва мубоҳиса баргузор гардид, ки дар он иштирокчиён ва баромадкунандагон фаъолона иштирок намуданд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

№ 5 (238) 1.05.26 Молия ва иқтисод


# РОҲҲОИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО, ДУРНАМО ВА РУШДИ ОН

*Афзоиши бесобиқаи аҳолӣ ва тағйирёбии босуръати иқлим инсониятро водор менамояд, ки масъалаҳои наверо, ки боиси паст шудани шиддати таъсири тағйирёбии иқлим мегардад, ҳалли оқилонаи онро ҷустуҷӯ намояд.*

Тоҷикистон, ки кишвари кӯҳсор ба шумор меравад, сарчашмаи асосии захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил менамояд. Сарвати бебаҳои табиат, яъне обро натанҳо аҳолии мамлакат, балки сокинони давлатҳои ҳамсоя низ самаранок истифода менамоянд.

Аз ин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои ноҳуши он изҳори нигаронӣ карда, аз ҷумла иброз намудаанд: "Обшавии босуръати пиряхҳо ва ҳамчунин афзоиши истифодаи об вобаста ба афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ ба ҳаёт ва некуаҳволии садҳо миллион нафар одамон таҳдид мекунад. Тайи даҳсолаҳои охир коҳиш ёфтани ҳаҷми пиряхҳо дар мавзеи сарчашмаи дарёҳои асосӣ, ки бар асари тағйирёбии глобалии иқлим ба миён омадааст, дар минтақаи мо боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад. Мувофиқи маълумоти расонаҳои гуногун, дар ин муддат, масоҳати пиряхҳои Тоҷикистон қариб 35 дарсад кам шудааст. Бо дарназардошти фоҷеаи вокеии баҳри Арал мо набояд ба нобудшавии пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем".

Бо ин матлаб кӯшиш намудем, усулҳо ва технологияҳои муосири ҳифзи пиряхҳо, пешгӯиҳои илмӣ ва дурнамои рушди оянда дар ин соҳаро баррасӣ намоем. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии байналмилалӣ ва маълумоти мониторинги ватанӣ нишон дода шудааст, ки ҳифзи пиряхҳо дигар на танҳо масъалаи экологӣ, балки масъалаи амнияти миллӣ, стратегияи иқтисодӣ ва масъулияти ичтимоии ҳар як кишвари кӯҳсор мебошад. Дар маводи мазкур усулҳои анъанавӣ ва муосири ҳифзи пиряхҳо, нақши технологияҳои рақамӣ ва яхи сунъӣ дар ин раванд ва чаҳорчӯби зарурии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳлил карда шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибрози андеша намуданд, ки обшавии пиряхҳои Арктика ва Антарктида боиси зиёдшавии сатҳи укёнуси ҷаҳонӣ гардидааст ва ин омил, дар навбати худ метавонад ба ҳаёт ва некуаҳволии садҳо миллион шаҳрвандони сайёраи Замин, хусусан дар кишварҳои хурди дар ҷазираҳо буда ва минтақаҳои наздисоҳилии онҳо таҳдид ба бор орад.

Дар ин иртибот, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки соли соли 2025 "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад. Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо аст.

Яке аз воситаҳои асосии иқтисодии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, маблағгузории лоиҳаҳои нигоҳдории пиряхҳо ва таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мебошад.

Санаи 14 декабри соли 2022 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни Иҷлоссияи 77-уми худ қатъномаи "Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо"-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, якдилона онро қабул намуд. Иқдоми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 мамлакати аъзои СММ ҷонибдорӣ гардид.

- **Эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;**
- **Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;**
- **Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба пиряхҳо;**
- **Дар соли 2025 доир намудани Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.**

Тибқи иттилои Созмони ҷаҳонии метеорологӣ, аз соли 1850 инҷониб пиряхҳои ҷаҳон дар маҷмуъ, беш аз 70 миллиард тонна обро аз даст додаанд, ки ин мустақиман ба баланд шудани сатҳи баҳр ва хушк шудани бузургтарин дарёҳои ҷаҳон мусоидат кардааст. Дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ, ки 90 фоизи оби тоза аз кӯҳҳо ва пиряхҳо сарчашма мегирад, ин мушкилот амнияти об ва озуқавориро барои тамоми минтақа таҳдид мекунад.

Дар ин замина, ҷомеаи илмии ҷаҳонӣ барои тахия ва татбиқи усулҳо ва технологияҳои гуногун барои ҳифзи пиряхҳо талош мекунад. Ҳадафи ин мавод баррасии мунтазами ин усулҳо ва таҳлили дурнамои рушди минбаъдаи онҳо мебошад.

Роҳи асосӣ ва муҳими ҳифзи пиряхҳо гузариш ба иқтисоди камкарбон ва коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ, пеш аз ҳама $CO_2$ мебошад. Созишномаи Париж (2015) уҳдадории кишварҳои ҷаҳонро барои маҳдуд кардани афзоиши миёнаи ҳарорати ҷаҳонӣ то 1,5-2°C муқаррар кард. Агар ин ҳадаф ба даст оварда шавад, суръати обшавии пиряхҳо ба таври назаррас коҳиш ҳоҳад ёфт.

Барои ин мақсад абзорҳои зерин истифода мешаванд: васеъ кардани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (офтоб, шамол, гидроген), беҳтар кардани самаранокии энергия дар саноат ва нақлиёт, гузаштан ба нақлиёти барқӣ ва кам кардани буридани аз ҳад зиёди ҷангал барои кам кардани гази $CO_2$. Тоҷикистон дорои имконияҳои бесобиқа дар соҳаи энергияи офтобӣ ва гидроэнергетикӣ мебошад.

Пеш аз андешидани ягон амали муассир, назорати пайвастаи шароити пиряхҳо муҳим аст. Мониторинги илмии пиряхҳо якчанд усулро дар бар мегирад:

- **Мониторинги заминӣ (экспедитсияҳои мунтазами илмӣ бо андозагириҳои дастӣ ва автоматӣ);**
- **Мониторинг аз кайҳон бо истифода аз тасвирҳои моҳвораӣ (Landsat, Sentinel, MODIS);**
- **Истифодаи системаҳои навигатсионии GPS барои муайян кардани тағйирот дар ҳавзаҳои пиряхҳо;**
- **Пешгӯии иқлими қабати яхбандишуда бо истифода аз амсилаҳои математикии иқлим;**
- **Бо истифодаи сканери лазерӣ (LiDAR) аз кайҳон муайян кардани ҷойи пиряхҳо ва чен кардани ҳаҷми онҳо;**
- **Дар Тоҷикистон Агентии давлатии обуҳавошиносӣ мониторинги пиряхҳоро ба роҳ мондааст, аммо таҷҳизот ва захираҳои мавҷуда барои назорати ҳамаи пиряхҳо кифоя нестанд.**

Яке аз усулҳои маъмултарини ҳифзи пиряхҳо пӯшонидани сатҳи пиряхҳо бо матоъҳои сафеди инъикоскунанда (геотекстилҳо) мебошад. Ин усул бори аввал дар Швейцария барои ҳифзи пиряхи Рона, як макони лижаронӣ истифода шудааст. Матоъҳои махсус бо албедои баланд (яъне, инъикоскунандаи нури офтоб) суръати обшавии яхро 50-70 фоиз кам мекунанд.

Ин технология дар кишварҳои Швейцария (Пиряхи Рон, Питтен), Австрия (Пиряхи Стуббе) ва Италия (Пиряхи Доломит) санҷида шудааст. Ин усул аз он сабаб маҳдуд аст, ки арзиши баланд дорад ва нархи он аз 1 то 5 евро барои як метри мураббаъро ташкил мекунад. Ин усул метавонад танҳо барои пиряхҳои хурд ва



аз ҷиҳати техникӣ имконпазир татбиқ карда шаванд.

Баъзе муҳаққиқон истифодаи абрҳои сунъиро барои афзоиши боришӣ барф дар минтақаҳои яхбаста бо истифода аз ҳавопаймоҳо ва дронҳо пешниҳод мекунанд. Ин усул, ки йодиди нуқра (AgI) ё дигар реагентҳоро барои табдил додани буғи оби абрӣ ба оби моеъ истифода мебарад, дар Чин, Аморати Муттаҳидаи Араб ва баъзе иёлотҳои ИМА бомуваффақият санҷида шудааст. Афзалияти ин усул аз он иборат аст, ки он метавонад 10-15 фоиз афзоиши барфро зиёд намояд ва он барои ҳифзи пиряхҳо муҳим аст.

Инкишофи рақамии асри XXI имкониятҳои беназирро барои назорат ва идоракунии захираи пиряхҳо фароҳам овард. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳлили аксҳои моҳвораӣ имкон медиҳад, ки тағйироти пиряхҳо хеле дақиқ арзёбӣ карда шаванд. Дронҳои худкор барои гирифтани тасвирҳои сеченакаи (3D) пиряхҳо ва чен кардани ҳаҷми онҳо бо нархи арзонтар аз экспедитсияҳои анъанавӣ истифода мешаванд. Системаҳои огоҳкунии барвакт (EWS) барои пешгӯии хатари обхезиҳои кӯлҳои пиряхӣ (GLOFs) дар Непал, Перу ва Тоҷикистон истифода мешаванд.

Геомуҳандисӣ яке аз соҳаҳои баҳсбарангезтарин, вале умедбахши илм аст. Технологияҳои идоракунии радиатсияи офтобӣ (SRM) кам кардани миқдори радиатсияи офтобиро, ки ба Замин мерасад, тавассути паҳн кардани микрозарраҳои инъикоскунанда дар стратосфера (тақлид кардани таъсири оташфишонии табиии вулқонҳо) пешниҳод мекунанд. Санчишҳои ин усул нишон медиҳанд, ки он метавонад ҳарорати ҷаҳониро то 0,5-1°C коҳиш диҳад, ки барои суст кардани обшавии пиряхҳо кофӣ хоҳад буд.

Технологияи сабти мустақими атмосфера (DAC) $CO_2$-ро мустақиман аз атмосфера сабт мекунад. Ширкатҳои Climeworks (Швейцария) ва Carbon Engineering (Канада) корхонаҳои озмоишии ин навъро ба кор андохтаанд. Дар айни замон, арзиши сабти 1 тонна $CO_2$ аз ҳаво аз 300 то 1000 долларро ташкил медиҳад, ки онро хеле гарон мегардонад. Аммо, коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки то соли 2040 ин арзиш то 100-150 доллар коҳиш хоҳад ёфт, ки ин технологияро аз ҷиҳати иқтисодӣ имконпазир мегардонад.

Дар сатҳи байналмилалӣ, санадҳои калидии ҳуқуқии зерин барои ҳифзи пиряхҳо муҳиманд:

- **Созишномаи Париж (2015) - ҳадафи маҳдуд кардани гармшавии глобалӣ;**
- **Конвенсияи тағйирёбии иқлими СММ, 1992;**
- **Рӯзномаи рушди устувор барои соли 2030 (SDGs) - ҳадафҳои 6, 13, 15;**
- **Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ оид ба ҳифзи пиряхҳо (2023);**
- **Даҳсолаи байналмилалии об барои рушди устувор (2018-2028).**

Дар Тоҷикистон як қатор санадҳои қонунгузорӣ ин масъаларо ҳал мекунанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" чаҳорчӯби ҳуқуқии ҳифзи захираҳои табиӣ, аз ҷумла пиряхҳоро муқаррар мекунад. Стратегияи миллии рушди устувор то соли 2030 тағйирёбии иқлим ва ҳифзи захираҳои обро ҳамчун афзалияти давлатӣ муайян кардааст. Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон то ҳол қонуни мушаххасе дар бораи ҳифзи пиряхҳо вуҷуд надорад. Коршиносони ватанӣ пешниҳод мекунанд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи пиряхҳо" таҳия карда шавад ва тартиби нигоҳдории Феҳристи пиряхҳои Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Таҳлили адабиёти илмии ҷаҳонӣ ва вазъи пиряхҳои Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мушкилоти ҳифзи пиряхҳо масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад. Натиҷаи воқеӣ танҳо тавассути якҷоя кардани се самти асосӣ ба даст оварда мешавад:

- **Коҳиш додани суръати тағйирёбии иқлим тавассути гузаштан ба иқтисоди камкарбон;**
- **Истифодаи технологияҳои нави ҳифзи пиряхҳо барои ҳифзи захираҳои мавҷуда;**
- **Тақвияти чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва ҳамкории байналмилалӣ барои ин мақсадҳо.**

Дар оянда рушди технологияҳои нав, аз ҷумла геомуҳандисӣ, ташаккули яхи сунъӣ ва системаҳои мониторинги бар пояи зеҳни сунъӣ, ба суст шудани суръати обшавии пиряхҳо мусоидат хоҳад кард.

**P/S: Мақола ба озмуни ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Ҳифзи пиряхҳо - омили муҳими таъмини ояндаи дурахшони инсоният" пешниҳод мегардад.**

**Одилҷон АБДУЛЛОЗОДА,**
**номзади илмҳои кишоварзӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ**

# ДАСТОВАРДҲОИ НАВБАТИИ ИЛМӢ ДАР ДДМИТ








Афзудани ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар донишгоҳ ҳамчун омили муҳими тақвияти иқтидори илмии муассисаи таълимӣ арзёбӣ гардида, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омодасозии кадрҳои баландихтисос мусоидат менамояд. Дар ин замина, таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ ба рушди фаъолияти илмӣ-педагогии устодон бештар гардида, сафи олимони ҷавон сол то сол меафзояд.

Боиси ифтихор аст, ки 24-уми апрели соли 2026 мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ Гулпарӣ Ҳусейнова дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 73.2.012.04 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рисолаи доктории худро дар мавзуи "Муқоисаи таҳлилии принсипҳои сохтории фарҳангҳои тафсирии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар асоси луғати Оксфорд (2005) ва Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (2008)" таҳти роҳбарии профессор Абдусалом Мамадназаров бомуваффақият ҳимоя намуд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили муқоисавии сохтор ва принсипҳои луғатнигории ду забон ифода меёбад.

Ҳамчунин, дар ин моҳ як қатор устодону муҳаққиқони донишгоҳ рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуданд.

Аз ҷумла, 25-уми апрели соли равон дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ Бобомуродов Пайрав Хайриевич таҳти роҳбарии Абдумалик Мирзоев дар мавзуи "Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит рисолаи номзадӣ ҳимоя кард.

Рӯзи 21-уми апрел дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-109 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ Матлабшоҳ Ҳакимзода таҳти роҳбарии профессор Лутфулло Саидмуродзода рисолаи номзадиро дар мавзуи «Тақвияти амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051000 - идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 - амнияти иқтисодӣ) бомуваффақият ҳимоя намуд.

Инчунин, 3 апрели соли 2026 дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди ДДМИТ муаллими калони кафедраи аудит ва ревизия Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҳимоя кард.

Дар ҳамин сана, дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди ДДМИТ муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Давлатзода Дилшод Шералӣ таҳти роҳбарии дотсент Содиқов Меҳтархон Соқибоевич рисолаи худро дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - иқтисодиёт (6D050603 - иқтисодиёти ҳудудӣ) бомуваффақият ҳимоя намуд.

Ҳамзамон, 1-уми апрели соли ҷорӣ дар Шӯрои диссертатсионии 73.2.012.01 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ Сангинов Далер Неъматович таҳти роҳбарии профессор Ғаффорӣ Н.У. рисолаи худро дар мавзуи «Таърихи инкишофи мадрасаҳо дар Бухорои Шарқӣ ва нақши онҳо дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали асри XX (давраи пеш аз Ҳокимияти Шуравӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 5.6.1 - таърихи миллӣ ҳимоя кард.

Қобили зикр аст, ки ҳамаи ин тадқиқотҳо дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисод, таърих, молия ва луғатнигории тоҷик саҳми назаррас гузоранд.

Раёсати донишгоҳ ҳамаи муҳаққиқонро бо дастовардҳои илмии навбатӣ табрику муборакбод намуда, барояшон дар роҳи минбаъдаи илмӣ муваффақиятҳои нав ба нав ва фатҳи қуллаҳои баландро таманно менамояд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# «ИҚТИСОДДОНИ БЕҲТАРИН» - МАЙДОНИ САЙҚАЛИ ЗЕҲН ВА РАҚОБАТИ СОЛИМ



Рӯзи 28-уми апрели соли равон бо ташаббуси кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ интелект-шоу таҳти унвони «Иқтисоддони беҳтарин» дар сатҳи баланд доир гардид. Бозии зеҳнии мазкур дар доираи нақшаи чорабиниҳои донишгоҳ бахшида ба 30-солагии ДДМИТ ва дар ҳошияи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардида, аз се даври ҷолибу пурмазмун иборат буд.

Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ Ғиёсиддин Ғафуров зимни муаррифии низомномаи викторина зикр намуд, ки ҳадафи асосии баргузории чунин озмунҳо санҷиши сатҳи дониш, рушди тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ, инчунин, баланд бардоштани шавқу ҳаваси донишҷӯён ба фанҳои иқтисодӣ мебошад.

Сипас, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов аҳамияти баргузории чунин ташаббусҳоро таъкид карда, афзуд, ки дар доираи таҷлили 30-солагии донишгоҳ як қатор озмунҳо барои донишҷӯёну магистрантон ба нақша гирифта шудаанд, аз ҷумла: «Беҳтарин табрикоту таманниёт дар васфи донишгоҳ», «Беҳтарин мақолаи вокунишӣ ва таблиғотӣ» ва сабқати зеҳнии «Иқтисоддони беҳтарин». Ба андешаи мавсуф, иштироки фаъолонаи донишҷӯён боиси рушду такомули зеҳнӣ, сайқали маҳорат ва муаррифии қобилиятҳои онҳо дар фазои илму дониш мегардад.

Дар идомаи чорабинӣ устоди кафедра Умед Халилзода ҳайати дастаҳоро муаррифӣ намуда, иштирокчиёнро бо қоида ва тартиби гузаронидани викторина шинос кард. Викторина аз се давр иборат буда, саволҳо аз фанҳои назарияи иқтисод, макроиқтисод ва микроиқтисод пешниҳод гардиданд.

Дар ин чорабинӣ намояндагони ҳафт факултет бо дастаҳои худ: «Оморшиносони



ҷавон» - факултети ҳисобдорӣ ва омор, «МИБ» - факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, «Менеҷерон» - факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, «Соҳибкор» - факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ, «Набзи иқтисод» - факултети молия ва қарз, «Барномасозон» - факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ва «Гумрук» - факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ ширкат варзиданд.

Ҳар як даста бо омодагии ҷиддӣ ва сатҳи баланди дониш баромад намуда, рақобати солим ва муҳити илмиву эҷодиро таъмин кард.

Тибқи натиҷагирии ҳайати ҳакамон, ҷойи аввал бо 22 хол насиби дастаи факултети ҳисобдорӣ ва омор гардид. Ҷойи дуюмро бо 17 хол факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ соҳиб шуд. Ҷойи сеюм бо 16,5 хол ба дастаҳои факултети молия ва қарз ва факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ насиб гардид. Дастаи факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ барои иштироки фаъолона ва натиҷаи хуб бо 11 хол сазовори ҷойи ифтихорӣ дониста шуд.

Қобили зикр аст, ки баргузории чунин викторинаҳо барои таҳкими донишҳои назариявӣ, рушди қобилияти таҳлил, хулосабарорӣ ва омодасозии донишҷӯён ба озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, интелект-шоуи «Иқтисоддони беҳтарин» як майдони воқеии санҷиши дониш, малака ва истеъдоди донишҷӯён буда, дар рушди тафаккури иқтисодӣ ва ташаккули мутахассисони рақобатпазир нақши муҳим мебозад.

**Наврӯз ҶОБИРЗОДА**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии Раҷабзода Файзидин Қурбоналӣ, донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010408 бозори фондии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии Зокиров Билолиддин Фаррухиддинович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010202 иқтисодиёти молия ва бонки факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети №1309599, ки кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи донишгоҳ аз 17 09 2022 ба Маҳсудшоева Фирӯзамо Сафаралиевна, корманди раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.

****

Билети донишҷӯии Каримов Ҳабибулло Раҳматуллевич, донишҷӯи курси 1, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-250112 информатикаи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.